*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №156 (2983) | СЕШАНБЕ, 25 ДЕКАБРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## Мулоқот бо Ами Лин

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 21 декабри соли 2012 Ноиби президенти ширкати «Ҳуавей»-и Ҷумҳурии Мардумии Чин Ами Линро ба ҳузур пазируфт.**

Дар мулоқот, ки бо иштироки масъулини дахлдор аз ҷониби Тоҷикистон ҷараён гирифт, ҷанбаҳои техникию молиявии лоиҳаи «Шаҳри бехатар» баррасӣ шуд.

Тавре зикр гардид, тибқи ин лоиҳа дар ҳамаи чорроҳаҳо ва кӯчаю хиёбонҳои шаҳри Душанбе камераҳои наворбардорӣ ва аксгирӣ гузошта мешаванд, то ин ки бехатарии ҳаракат дар роҳҳо таври автоматӣ аз тариқи дастгоҳҳои электронӣ назорат карда шавад.

Тавассути камера ва таҷҳизоти аксбардорӣ на танҳо ҳаракат дар роҳҳо, балки риояи тартиботи ҷамъиятӣ назорат карда мешавад. Бо татбиқи босамари ин лоиҳа, ҳамчунин мубориза бо ҷинояткорӣ, аз ҷумла коррупсия, саҳл гардида, як қадами муҳим дар роҳи гузаштан ба ҳукумати электронӣ гузошта мешавад.

Ин лоиҳа бо харҷи 22 миллион доллари амрикоӣ, ки қисмати зиёдаш қарзи имтиёзноки Ҷумҳурии Мардумии Чин тавассути Созмони Ҳамкории Шанхай мебошад, дар зарфи ҳафт моҳ амалӣ гардида, панҷ сол муҳлати кафолат дорад. Дар доираи ҳамин лоиҳа аз ҷониби ширкати «Ҳуавей» мутахассисони тоҷик барои кор бо ин таҷҳизоти муосири электронӣ омӯзонда мешаванд.

Истифодаи босамари ин технология дар роҳҳои шаҳри Душанбе имкон медиҳад, ки хароҷоти лоиҳа дар зарфи шаш сол барзиёд баргардонда шавад.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таъкид дошт, ки лоиҳа бо сифати баланд ва бо истифода аз навтарин технологияи соҳа амалӣ карда шавад. Ҳамчунин таъкид гардид, ки дар сурати босифат ва самарабахш татбиқ шудани лоиҳа ин кор дар шаҳру ноҳияҳои дигар низ амалӣ карда мешавад.

***www.president.tj***

## Барқияи табрикӣ

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 20 декабри соли 2012 ба Президенти тозаинтихоби Ҷумҳурии Корея Пак Кын Хе барқияи табрикотӣ ирсол намуд, ки дар он аз ҷумла чунин гуфта мешавад:**

«Хонуми Олиҷоҳ!

Дар иртибот ба пирӯзиатон дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Корея сарфарозам ба Шумо табрикоти самимона ва таманниёти неки худро бифиристам.

Ҷониби Тоҷикистон ба пешбурди маҷмуи муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои судманд бо Ҷумҳурии Корея аҳамияти хоса медиҳад.

Боиси қаноатмандист, ки имрӯз байни кишварҳои мо дар арсаҳои мухталифи мавриди таваҷҷуҳи тарафайн робитаҳои гуногунҷанбаи созанда ба роҳ монда шудаанд ва мо ба густариши минбаъдаи онҳо бовар дорем.

Бо изҳори омодагии хеш ҷиҳати саъйю талошҳои муштарак дар ин самт, ба Шумо сиҳатии комилу пирӯзиҳои навин ва ба мардуми дӯсти Ҷумҳурии Корея хушбахтиву шукуфоии рӯзафзун таманно дорам».

***www.president.tj***

## Таъиноти кадрӣ

**Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон 22 декабри соли 2012 як зумра кадрҳои ба вазифаҳои масъул дар сохторҳои ҳифзи ҳуқуқу тартибот пешниҳодшударо барои суҳбат ба ҳузур пазируфт.**

Тавре аён гардид, ин кадрҳо асосан ба вазифаҳои роҳбарӣ дар сатҳи раёсатҳои сохторӣ ва шуъбаҳои шаҳрию ноҳиявии Прокуратураи генералӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва Агентии назорати маводи нашъаовар пешниҳод шудаанд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон онҳоро ба кору хизмати софдилонаю содиқона ҳидоят намуда, дар наздашон доир ба пурзӯр кардани мубориза бо ҷинояткорӣ, хусусан ҷиноятҳои коррупсионӣ ва вобаста ба маводи мухаддир вазифаҳои мушаххас гузошт.

Таваҷҷуҳи хос, ҳамчунин ба пешгирӣ аз хариду фурӯши ғайриқонунии замин барои сохтмони манзил зоҳир карда шуд.

***www.president.tj***

## ҚАРОРИ

### МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба тағйир додани номи деҳотҳои Яхак-Юст ва Самсолиқи ноҳияи Нуробод**

Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи пешниҳодҳои Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Нуробод «Оид ба тағйир додани номи деҳоти Яхак-Юст» тахти №539 аз 2 октябри соли 2012 ва «Оид ба тағйир додани номи деҳоти Самсолиқ» тахти №540 аз 2 октябри соли 2012 баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 23 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад**:

**Номи деҳоти Яхак-Юст ба номи Изатулло Ҳалимов ва номи деҳоти Самсолиқ ба деҳоти Сафедчашмаи ноҳияи Нуробод тағйир дода шаванд.**

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 13 декабри соли 2012 № 451**

## ҚАРОРИ

### МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Эҳсонов Н.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи банди 2 моддаи 56 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад**:

Эҳсонов Насимҷон бинобар вазъи саломатиаш аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 13 декабри соли 2012 № 455**

## ҚАРОРИ

### МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Зоиров Ш.Ю.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи банди 2 моддаи 56 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад**:

Зоиров Шарофиддин Юнусович судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 13 декабри соли 2012 № 456**



## Дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**24 декабри соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Доир ба тасдиқи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Шӯро Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.

Масъалаҳои нахустини рӯзнома - «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳ», «Дар бораи лоиҳаи Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015», «Дар хусуси Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ташкилоти таъминоти техникии СААШ (NAMSO) оид ба татбиқи масъалаҳои амнияти физикӣ ва идоракунии захираҳои аслиҳа дар Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба маълумот гирифтани ҳисоботи роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Расулов Ҳ.Ҳ. «Оид ба рафти иҷрои сметаи хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012», «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи сохтор, рӯйхати вазифаҳо ва сметаи хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013» -ро ба муҳокимаи аъзои Шӯро раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология С.Ёқубзод, оид ба иқтисод ва молия С. Раҷабов, оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният А. Азимов, раиси Комиссияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати Дастур ва ташкили кор А. Имомов пешниҳод намуданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти фикру мулоҳиза ва эродҳои баёнгардида, аз рӯйи масъалаҳои мазкур таври алоҳида қарорҳо қабул карда, масъалаҳои номбурда ҷиҳати баррасӣ ба ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод шуданд.

Қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаҳои зерини рӯзнома - «Оид ба додани рутбаҳои дараҷавӣ ба кормандони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи таъсис додани гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шикор ва сайдпарварӣ», «Оид ба тасдиқ кардани Нақшаи доир намудани муҳокимаҳои парламентии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2013», «Оид ба тасдиқ кардани Нақшаи доир намудани муҳокимаҳои парламентии кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2013» ва «Дар бораи тасдиқи рӯйхати идораю муассисаҳое, ки обунаи онҳо ба маҷаллаи «Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои соли 2013 аз ҳисоби сметаи хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад» қабул гардиданд.

Мудири шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон У. Охунов масъалаҳои дигари рӯзнома – «Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои моҳӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илм ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи индексатсияи даромади аҳолӣ бо назардошти нархҳои молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ» -ро ба муҳокимаи аъзои Шӯро пешниҳод намуда, шарҳ дод.

Доир ба масъалаҳои мазкур қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, ин масъалаҳо барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуданд.

Аз рӯйи масъалаҳои охирини рӯзнома - «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардиданд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ,***
***«Садои мардум»***
***Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ***

**●Тоҷикистон - узви Созмони Умумиҷаҳонии Савдо**

## Бозори дохилӣ аз молҳои арзон ва босифат ғанӣ мегардад

**Хабари ба узвияти Созмони Умумиҷаҳонии Савдо қабул гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистонро устодони факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо рӯҳбаландӣ истиқбол намуданд. Зимни суҳбат бо хабарнигорамон чанде аз онҳо доир ба ин рӯйдоди муҳим ибрози назар карданд:**

**Ашурбой Солиев, декани факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент:** -Шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо барои воридшавии иқтисодиёти кишвар ба хоҷагии ҷаҳонӣ ва иштироки фаъол дар низоми бисёрҷонибаи тиҷорати байналмилалӣ такони бузург мебахшад. Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ин майдони музокирот, мубоҳиса, масъалагузорӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни тиҷорати байналмилалӣ ва расидан ба ризоият дар масъалаҳои баҳснок ба ҳисоб меравад, ки дар асоси принсипи баробарҳуқуқии аъзогӣ амал мекунад ва маҳз аз рӯйи ҳамин хислат, яъне баробарҳуқуқӣ, ин созмон аз дигар созмонҳои байналмилалӣ фарқ менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви Созмони Умумиҷаҳонии Савдо имкониятҳои зеринро ба даст меоварад:

- дар заминаи соҳиб шудан ба режими мусоиди афзалиятнок дигар зарурати ба имзо расонидани созишномаҳои дуҷониба бо кишварҳои узви Созмон аз байн меравад;
- вобаста ба принсипҳои тиҷорати озод монеаҳои тиҷоратӣ нисбати Тоҷикистон аз байн бардошта, ҳуқуқҳои тиҷоратии кишварамон ҳимоя карда мешавад;
- нуфуз ва мавқеи кишварамон ҳамчун кишвари шарики боэътимод устувор мегардад, ки ба афзоиши воридшавии сармояи хориҷӣ мусоидат хоҳад кард;
- иттилооти байналмилалии тиҷоратӣ барои Тоҷикистон дастрас мегардад ва дар асоси машварат бо кишварҳои узви Созмон ба бозорҳои нав имконоти ба фурӯш баровардани маҳсулоти ватаниро пайдо менамояд.

Барои дар узвияти ин Созмон пурсамар фаъолият намудан, дар самти дипломатияи иқтисодӣ, тиҷорати байналмилалӣ ва ҳуқуқи он, бозоршиносӣ, логистика ва ғайра мутахассисон бояд омода карда шаванд, то ки дар баҳсҳои тиҷоратӣ манфиатҳои кишвар ва соҳибкорони ватанӣ минбаъд ҳимоя карда шаванд. Ин масъаларо мо зимни таълиму тарбияи мутахассисони ояндаи соҳаи иқтисодиёт ва идоракунӣ дар мадди назар қарор медиҳем. Дар ин замина мехоҳам таъкид намоям, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шомилшавӣ ба ин Созмон дорои фишанги таъсир расонидан ба бозорҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ гардид, лекин бурди мо минбаъд ба дуруст истифода бурда тавонистани ин фишанг аз тарафи соҳибкорон ва мутахассисон вобаста аст. Соҳибкорони ватанӣ паҳлуҳои гуногуни узвият ба ин Созмон ва хатарҳои мавҷударо дар самти шадид гардидани рақобати байналмилалӣ бояд донанд, то ин ки тавонанд тадбирҳои зарурӣ андешанд.

**Амрулло НУРАЛИЕВ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент:** - Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон шомилшавӣ ба ин Созмон саривақтӣ аст, чунки аз тарафи 157 кишварҳои узв 97 фоизи тиҷорати байналмилалӣ амалӣ гардонида мешавад. Қисми бештари тиҷорати берунаи Тоҷикистон дар солҳои охир ба ҳамин кишварҳо рост меояд. Масалан, соли 2012 аз давлатҳои узви Созмон дар сохтори содироти Тоҷикистон асосан кишварҳои Туркия (35,2 фоиз), Чин (17,0 фоиз), Россия (6,7 фоиз), Швейтсария (6,3 фоиз), Латвия (1,5 фоиз) ҳисса доранд ва воридоти мол ба Тоҷикистон аз кишварҳои Россия (24,5 фоиз), Чин (12,4 фоиз), ШМА (5,2 фоиз), Литва (3,6 фоиз) сурат мегирад. Минбаъд дар назар аст, ки тиҷорати кишварамон аз ҷиҳати молӣ ва ҷуғрофӣ меафзояд ва сармоягузории хориҷӣ бештар ворид мегардад. Бинобар он, соҳибкории истеҳсолӣ дар кишварамон бояд таҳким дода шавад ва бо истифода аз технологияи муосир маҳсулот барои бозори ватанӣ ва хориҷӣ истеҳсол гардад.

Дар марҳилаи аввали шомилшавӣ тағйироти кулл ба вуқуъ намепайвандад, танҳо қонунгузорӣ вобаста ба талаботи Созмон таҳким меёбад. Пеш аз ҳама «Роҳнамои воридшавии Тоҷикистон ба СУС» таҳия ва амалӣ карда мешавад, то ин ки раванд осонтар гардад. Инчунин корҳои фаҳмондадиҳӣ бо кормандони сохторҳои давлатӣ ва соҳибкорон бояд сурат гирад.

Дар натиҷаи шаффоф гардидани қонунгузорӣ ва низоми тиҷорат дар Тоҷикистон фаъолияти ширкатҳои хориҷӣ дар кишварамон ҷоннок мегардад. Бинобар ин, соҳибкорони ватанӣ бояд бештар ба соҳибкории истеҳсолӣ, истифодаи технологияи навин, андӯхти сармояи инсонӣ ва фаъолияти инноватсионӣ таваҷҷуҳ намоянд, ки гарави рақобатпазирии онҳо мегардад.

Чун ҳадафи ниҳоии давлат баланд бардоштани некуаҳволии мардум аст, дар натиҷаи нисбатан пасттар гардидани дараҷаи тарифҳои гумрукӣ молҳои хориҷӣ арзонтар мегарданд ва вориди маводи қочоқ барҳам мехӯрад. Бозори дохилӣ аз молҳои арзон ва сифатан баланди ватанию хориҷӣ ғанӣ мегардад. Дар натиҷаи фаъол гардидани соҳибкорӣ ҷойҳои кории нав зиёд мешавад, вориди пардохтҳои гуногун ба буҷети давлатӣ меафзояд, ки дар натиҷа соҳаи иҷтимоиёти кишварамон дастгирӣ меёбад.

***Б. КАРИМЗОДА,***
***«Садои мардум»***

**●Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум**

## Қонун дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила қабул ва вобаста ба он ба санадҳои ҳуқуқии амалкунанда тағйирот ворид карда шуд

**(Идома аз шумораи гузашта)**

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Муқумова Сабоҳат Аминовна дода мешавад.



**Сабоҳат МУҚУМОВА:- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба пешгирии зӯроварӣ дар оила танзим намуда, вазифаҳои субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оиларо доир ба ошкор, пешгирӣ ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба он мусоидаткунанда муайян мекунад.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №765 аз 28 июни соли 2011 барои додани хулоса ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шуда буд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро дар маҷмуъ дастгирӣ намуда, таклифу пешниҳодҳои худро манзур намуданд.

Ҳамзамон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати мукаммал намудани лоиҳаи қонуни мазкур таъсиси гурӯҳи кориро тавсия дод. Бо ҳамин мақсад гурӯҳи корӣ таъсис ёфта, лоиҳаи қонун, бо назардошти таклифҳои пешниҳодгардида, такмил дода шуд. Зиёда аз 170 таклифу пешниҳод қабул ва қисман қабул карда шуданд.

10 октябри соли 2012 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» дар ҷаласаи васеи Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ бо иштироки намояндагони дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифт ва дар мувофиқа бо субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ лоиҳаи мазкур такмил дода шуд. Аз ҷумла намудҳои зӯроварӣ дар мафҳумҳои асосии моддаи 1-уми лоиҳа шарҳ дода, ваколатҳои субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила мушаххас карда шуданд. Бобҳои 4, 5 ва 6 дар боби 3 муттаҳид карда шуда, риояи махфияти маълумот вобаста ба зӯроварӣ дар оила ва ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи қонуни мазкур ҳамчун моддаҳои алоҳида пешбинӣ шуданд.

Бо назардошти тағйироти воридгардида, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аз 4 боб ва 26 модда иборат мебошад.

Боби 1 ба муқаррароти умумӣ бахшида шуда, дар он мафҳумҳои асосӣ, мақсадҳои қонуни мазкур, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила, доираи амали қонуни мазкур, принсипҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила ва ҳуқуқҳои ҷабрдида пешбинӣ шудаанд.

**(Идома дар саҳ. 2)**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳрҳои Конибодом, Исфара, Панҷакент, Истаравшан, ноҳияҳои Ашт, Спитамен ва Шаҳристони вилояти Суғд**

Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи пешниҳодҳои Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳри Конибодом» таҳти №535 аз 2 октябри соли 2012, «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳри Исфара» таҳти №536 аз 2 октябри соли 2012, «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳри Панҷакент» таҳти №621 аз 2 ноябри соли 2012, «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳри Истаравшан» таҳти №622 аз 2 ноябри соли 2012, «Оид ба тағйир додани номи деҳаи Аппони болои ноҳияи Ашт» таҳти №537 аз 2 октябри соли 2012, «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Спитамен» таҳти №538 аз 2 октябри соли 2012, «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Шаҳристон» таҳти №624 аз 2 ноябри соли 2012 баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 23 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад**:

**Дар шаҳри Конибодом номи шаҳраки ба номи Калинин ба шаҳраки Сайҳуни деҳоти ба номи Ғафурҷон Ортиқов ва номи деҳаҳои зерин:**

деҳаи Ботиркӯрғон ба деҳаи Паҳлавонқалъаи деҳоти ба номи Эргаш Шарифов

деҳаи Дашткароянтоқ ба деҳаи Файзбори деҳоти ба номи Раҷаб Ҳамробоев

**Дар шаҳри Исфара номи деҳаҳои зерин:**

деҳаи Арабқишлоқ ба деҳаи Яккачинори деҳоти Хонобод

деҳаи Янгиобод ба деҳаи Хушободи деҳоти Хонобод

деҳаи Қизилпилол ба деҳаи Заркӯҳи деҳоти Хонобод

деҳаи Қаробоғ ба деҳаи Чорбоғи деҳоти Сурх

**Дар шаҳри Панҷакент номи деҳаҳои зерин:**

деҳаи Қашқа ба деҳаи Майсазори деҳоти Суҷина

деҳаи Тешиктош ба деҳаи Баракати деҳоти Суҷина

деҳаи Тошминор ба деҳаи Нуристони деҳоти Чинор

деҳаи Ялоқчар ба деҳаи Шаршараи деҳоти Чинор

деҳаи Қирқарча ба деҳаи Чиларчаи деҳоти Саразм

деҳаи Чимкӯрғон ба деҳаи Чимқалъаи деҳоти Саразм

деҳаи Тоҷикқишлоқ ба деҳаи Меҳри деҳоти Саразм

деҳаи Тошкӯтан ба деҳаи Томириси деҳоти Саразм

деҳаи Ямонқия ба деҳаи Яккасадаи деҳоти Саразм

деҳаи Ӯртақишлоқ ба деҳаи Бостондеҳи деҳоти Саразм

деҳаи Янақишлоқ ба деҳаи Кӯҳдомани деҳоти Саразм

деҳаи Тегирмон ба деҳаи Нури Зиндагии деҳоти Саразм

**Дар шаҳри Истаравшан номи шаҳраки Мурғпарварӣ ба шаҳраки Симурғи деҳоти Зарҳалол, номи деҳоти Правда ба деҳоти Қалъачаи Калон ва номи деҳаҳои зерин:**

деҳаи Парчаюз ба деҳаи Навгандаи деҳоти Зарҳалол

деҳаи Сармисолиқ ба деҳаи Ширинчашмаи деҳоти Нофароҷ

деҳаи Қармиши тоҷик ба деҳаи Суғдиёнаи деҳоти Нофароҷ

деҳаи Қарасақол ба деҳаи Қадамҷои деҳоти Нофароҷ

деҳаи Найман ба деҳаи Файзи Истиқлоли деҳоти Чорбоғ

**Дар ноҳияи Ашт номи деҳаи Аппони боло ба деҳаи Эгамбердӣ Хоҷамбердиеви деҳоти Ошоба**

**Дар ноҳияи Спитамен номи деҳоти Қуштегирмон ба деҳоти Сарбанд, деҳоти Фармонқӯрғон ба деҳоти Хуррамзамин ва номи деҳаҳои зерин:**

деҳаи Қуйибугай ба деҳаи Роғуни деҳоти Тағояк

деҳаи Каллахона ба деҳаи Озариёни деҳоти Тағояк

деҳаи Бошбулоқ ба деҳаи Ҷовидони деҳоти Тағояк

деҳаи Тошкӯприк ба деҳаи Иттифоқи деҳоти Тағояк

**Дар ноҳияи Шаҳристон номи деҳоти Янгиқӯрғон ба деҳоти Бунҷикат ва номи деҳаҳои зерин:**

деҳаи Мукур ба деҳаи Бакрободи деҳоти Шаҳристон

деҳаи Увоқ ба деҳаи Себзори деҳоти Янгиқӯрғон

тағйир дода шаванд.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 13 декабри соли 2012 № 453**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Носири Хусрав, Шаҳритус, Шӯрообод, Бохтар, Абдураҳмони Ҷомӣ ва Ёвони вилояти Хатлон**

Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи пешниҳодҳои Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳри Кӯлоб» таҳти №688 аз 3 декабри соли 2012, «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Носири Хусрав» таҳти №689 аз 3 декабри соли 2012, «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Шаҳритус» таҳти №690 аз 3 декабри соли 2012, «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Шӯрообод» таҳти №691 аз 3 декабри соли 2012, «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Бохтар» таҳти №692 аз 3 декабри соли 2012, «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ» таҳти №693 аз 3 декабри соли 2012, «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Ёвон» таҳти №694 аз 3 декабри соли 2012 баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 23 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад**:

**Дар шаҳри Кӯлоб номи деҳаҳои зерин:**

деҳаи Луликутал ба деҳаи Андароби деҳоти Зарбдор

деҳаи Бештигирмон ба деҳаи Панҷосиёби деҳоти Зарбдор

деҳаи Ҷерқалъа ба деҳаи Зарқалъаи деҳоти Зиракӣ

деҳаи Чорводор ба деҳаи Нуристони деҳоти Зиракӣ

деҳаи Ҷангалбошӣ ба деҳаи Чашмасори деҳоти Зиракӣ

деҳаи Чоқтемур ба деҳаи Бахтободи деҳоти Зиракӣ

деҳаи Афтолуқ ба деҳаи Офтобликои деҳоти Зиракӣ

**Дар ноҳияи Носири Хусрав номи деҳоти Комсомол ба деҳоти Наврӯз ва номи деҳаҳои зерини он:**

деҳаи Вагон-қишлоқ ба деҳаи 20-солагии Истиқлолияти деҳоти Фирӯза

деҳаи ба номи Исо-Намоз ба деҳаи Навободи деҳоти Фирӯза

деҳаи Янгибоғ ба деҳаи Ваҳдати деҳоти Фирӯза

деҳаи Қашқа ба деҳаи Дӯстии деҳоти Фирӯза

**Дар ноҳияи Шаҳритус номи деҳаҳои зерин:**

деҳаи Солтиқ ба деҳаи Устокорони деҳоти Пахтаобод

деҳаи 1-май ба деҳаи Ваҳдати деҳоти Пахтаобод

деҳаи Бошчорбоғ ба деҳаи Чорбоғи деҳоти Пахтаобод

деҳаи Қизилобод ба деҳаи Дӯстии деҳоти ба номи Худойназар Холматов

**Дар ноҳияи Шӯрообод номи деҳаҳои зерин:**

деҳаи Ҷирк ба деҳаи Роҳи нави деҳоти Даштиҷум

деҳаи Лов ба деҳаи Ваҳдати деҳоти Даштиҷум

**Дар ноҳияи Бохтар номи деҳаҳои зерин:**

деҳаи ба номи Калинин ба деҳаи ба номи Сирож Фаттоеви деҳоти Сарвати Истиқлол

деҳаи ба номи Ленин ба деҳаи ба номи Куган Гулови деҳоти Сарвати Истиқлол

**Дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ номи деҳаҳои зерин:**

деҳаи ба номи Нахимов ба деҳаи Чашмасори деҳоти ба номи Калинин

деҳаи ба номи Чапаев ба деҳаи Обшорони деҳоти ба номи Калинин

деҳаи Лесхоз ба деҳаи Меҳргони деҳоти ба номи Калинин

деҳаи ба номи Куйбишев ба деҳаи ба номи Мирзо Турсунзодаи деҳоти Яккатут

деҳаи ба номи Карл Маркс ба деҳаи Хуросони деҳоти Яккатут

деҳаи Аскари Сурх ба деҳаи ба номи Нусратулло Махсуми деҳоти Яккатут

деҳаи Красная Звезда ба деҳаи Ҷовидони деҳоти Яккатут

деҳаи Ленин-юлӣ ба деҳаи Баҳористони деҳоти Арал

деҳаи Янгидеҳқон ба деҳаи Файзбори деҳоти Арал

деҳаи Ленинизм ба деҳаи Зафарободи деҳоти Арал

деҳаи ба номи Калинин ба деҳаи Гулободи деҳоти Арал

**Дар ноҳияи Ёвон номи деҳоти Озодӣ ба деҳоти ба номи Ҳасан Ҳусейнов ва деҳоти Оби Мукӣ ба деҳоти Обшорон**

тағйир дода шаванд.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 13 декабри соли 2012 № 454**

# Қонун дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила қабул ва вобаста ба он ба санадҳои ҳуқуқии амалкунанда тағйирот ворид карда шуд

**(Идома аз саҳ. 1)**

Боби 2 субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар лоиҳаро пешбинӣ менамоянд, ки дар он салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти давлатии кор бо занон ва оила, комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдак, мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти соҳаи маориф, мақомоти соҳаи тандурустӣ, мақомоти соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, корхона, муассиса ва дигар ташкилотҳо оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила, марказҳои ёрирасон, марказҳо ё бахшҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагон ба танзим дароварда шудаанд.

Боби 3 чораҳои фардии пешгирии зӯроварӣ дар оила ва маблағгузории фаъолият вобаста ба пешгирии зӯроварӣ дар оиларо пешбинӣ намуда, дар он чораҳои фардии пешгирии зӯроварӣ дар оила, асосҳои татбиқи чораҳои фардии пешгирии зӯроварӣ дар оила, суҳбати хусусияти тарбиявидошта, амрномаи муҳофизатӣ, дастгиркунии маъмурӣ ва маблағгузории фаъолияти субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила мавриди танзим қарор дода шудаанд.

Боби 4 ба муқаррароти хотимавӣ бахшида шуда, он риояи махфияти маълумот вобаста ба зӯроварӣ дар оила, ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи қонуни мазкур ва тартиби мавриди амал қарор додани онро пешбинӣ менамояд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамояд, ки ҷиҳати қабули қонуни мазкур овоз диҳед.



**Шодӣ ШАБДОЛОВ:-** Қабули чунин қонун зарурат дорад, зеро ҳолатҳои таҳқир, зӯроварии ҷисмонии рӯҳӣ дар баъзе оилаҳо ба мушоҳида мерасанд. Бигузор баробари Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин қонун ҳам амал намояд. Аммо набояд анъанаҳои миллии худро дар бобати тарбия сарфи назар намоем. Дар бисёр ҳолатҳо масъалаҳои вобаста ба тарбия дар муҳити оила бо маслиҳат ва кӯмаки калонсолон, шахсони соҳибэҳтиром бе дахолати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳалли худро меёбанд. Ин ба ахлоқ, фарҳанги миллии мо хеле мувофиқ аст ва соҳиби эҳтиром ҳам мебошад, зеро мароми ҳадафи баъзе ташкилотҳои хориҷӣ ба он равона шудааст, ки дар оила таъсири падару модар ҷиҳати тарбияи фарзанд коста гардонида шавад. Дар Ғарб чунин ҳолатҳо зиёданд, ки бо истифодаи каме зӯроварӣ фарзандро аз оила ҷудо намуда, ба хонаи кӯдакон месупоранд. Аз ин рӯ, дар ин масъала бояд эҳтиёткор буд. Қонуни мазкурро ҷонибдорӣ менамоям.

**Саодат АМИРШОЕВА:- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Оила ҳамчун асоси бунёдии ҷомеа дар пояи эҳтирому муҳаббат, ёрӣ ва дастгирии байниҳамдигарӣ, озодии муҳити оилавӣ ва масъулияти тарафайни аъзои оила дар иҷрои ҳуқуқу уҳдадориҳо вобаста ба муносибатҳои оилавӣ ташкил ёфта, маҳз аз муносибатҳои солиме, ки дар оила мавҷуданд, хусусияти муносибатҳои ҷомеа дар маҷмӯъ муайян карда мешавад.

Тавре аз мазмуну мухтавои лоиҳаи қонун бармеояд, мақсади асосии он ҳимояи ҳуқуқии оила ҳамчун асоси ҷамъият, ки аз талаботи моддаи 33 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад, ба ҳисоб рафта, яке аз омилҳои асосии сиёсати давлатӣ дар ин самт танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ҳамчун зуҳуроти номатлуби ҷомеа мебошад.

Дар шароити имрӯзаи босуръати ҷаҳонишавӣ яке аз мушкилоти ҳалталаб ин нигоҳ доштан ва устувор намудани оила, муносибатҳои оилавӣ ва таълиму тарбияи насли наврас ба шумор меравад. Зӯроварӣ дар оила асосан нисбати занон ва духтарон ба мушоҳида мерасад, ки аз тарафи мардон ва дигар аъзои оила ба вуҷуд меояд.



Боиси тазаккур аст, ки дини мубини Ислом ҷой доштани хушунат, яъне зӯровариро дар муносибатҳои оилавӣ, маҳкум менамояд.

Ҳануз Паёмбари Ислом (с) дар ҳадиси муборақи худ гуфта будаанд: «Чӣ гуна метавонад мард зан, ҳамсарашро латукӯб кунад ба мисли як уштурбача ва пас биравад, ҳамроҳаш хоб равад, оғӯш гирад, бӯсад ё меҳрубонӣ бикунад?».

Зӯроварӣ ҳамчун зуҳуроти номатлуб дар муносибатҳои оилавӣ боиси носолимии ҷомеа гардида, он ба ташаккули психологияи насли наврас зарари ҷиддӣ мерасонад. Мо хуб медонем, ки солимии оила боигарии давлат мебошад.

Таҷрибаи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва суд нишон медиҳад, ки солҳои охир дар муносибатҳои оилавӣ коҳиш ва миён омада, тарафҳои ин муносибатҳо ҳалли мушкилоти худро дар раво дидани муносибатҳои номатлуб, аз ҷумла латукӯб, таҳқир, поймол намудани ҳуқуқу озодиҳо, фишор овардан ва маҳдудиятҳои гуногун дида, онҳо боиси паст шудани сатҳи солимии занону кӯдакон низ гардидаанд.

Ҳамзамон шакли дигари чунин зӯроварӣ ин ғайри ихтиёри худ ба шавҳар додани духтарон, аз имконияти минбаъда ба таҳсил фаро гирифтани онҳо ба шумор меравад.

Яке аз падидаҳои номатлуб, ки солҳои охир дар кишвари мо зиёд шуда, бевосита ба зӯроварӣ дар оила алоқаманд аст, пошхӯрии оилаҳои ҷавон мебошад.

Тавре маълумоти оморӣ гувоҳӣ медиҳад, дар соли 2011-ум 7693, дар шаш моҳи соли ҷорӣ бошад, 4326 ақди никоҳ аз тарафи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бекор карда шудааст. Қонунгузор таъкид менамояд, ки падару модарон барои таъмин, тарбия ва нигоҳубини фарзандони худ уҳдадоранд. Мутаассифона, аксар вақт дида мешавад, ки волидайн аз нигоҳубини фарзандон, пардохти алимент, расонидани кӯмаки моддӣ ва маънавӣ саркашӣ менамоянд.

Ахбори оморӣ нишон медиҳад, ки дар соли 2011-ум 6597 ва дар шаш моҳи соли 2012-ум 3698 аризаи даъвоӣ ба мақомоти судӣ ворид шуда, қонеъ гардонида шудааст, ки ин ҳам яке аз намудҳои зӯроварии иқтисодӣ дар оила ба шумор меравад. Оқибати ҳолатҳои зикршуда сабаби он мегардад, ки кӯдакон бепарастор монда, ба содир намудани ҷиноятҳои гуногун даст зананд.

Таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи қонуни мазкур аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон саривақтӣ ва асоснок мебошад.

Ба ҳама маълум аст, ки зӯроварӣ дар оила бо намудҳои гуногун зоҳир гардида, бештар ба маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳои занон, таҳқири шахсият, фишори рӯҳӣ, маҳдудият ба таҳсил ё кор кардан, маҳрум намудан аз моликият ва манзил равона шудааст.

Аз ин рӯ, дар моддаи 1-уми лоиҳаи қонун пешбинӣ намудани мафҳумҳои мушаххаскунандаи зӯроварӣ, ба монанди зӯроварии ҷисмонӣ, шаҳвонӣ, рӯҳӣ ва иқтисодӣ барои минбаъд андешидани чораҳои дахлдор аз ҷониби субъектҳои пешгирикунанда нисбати шахсони зӯроварии оиларо содирнамуда шароити воқеӣ ба вуҷуд меорад.

Дар моддаи 5-уми лоиҳаи қонун принсипҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила пешбинӣ шудаанд, зеро барои ҳар як кирдори ғайриқонунӣ ҷавобгарӣ ногузир буда, мақсади асосии қонун низ роҳ надодан ва ё пешгирии ба вуҷуд омадани оқибатҳои ҳуқуқӣ мебошад.

Боиси зикр аст, ки яке аз сабабҳои сар задани зӯроварӣ дар оила ин набудани ҳифзи иҷтимоӣ ва сатҳи пасти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ба ҳисоб меравад.

Тибқи иттилои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумлаи умумии шикоятҳои воридшуда 55 фоизи шикоятҳо вобаста ба зӯроварӣ дар оила буда, танҳо 11 фоизи ҷабрдидагон ба мақомот ё марказҳои бӯҳронӣ муроҷиат кардаанд ва ин ҳам бошад, барои расонидани кӯмак.

Ба ғайр аз ин, пешбинӣ намудани моддаҳои 16 ва 17 дар лоиҳаи қонун оид ба муайян кардани вазъи ҳуқуқии марказҳои ёрирасон, марказҳо ё бахшҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагон боиси бартараф гардидани ин норасоиҳо шуда метавонад. Тайи солҳои охир дар кишвар вобаста ба пешгирӣ намудани ин зуҳурот дар сатҳи давлатӣ чораҳои зарурӣ андешида шуда, як қатор барномаҳои мушаххас қабул гардидаанд. Инчунин қонунгузор дар кодексҳои ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, оила ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои пешгирии зӯроварӣ дар оила меъёрҳои худро муайян кардааст. Хушбахтона, дар лоиҳаи қонуни мазкур бо таври мушаххас, мукаммал, возеҳу равшан ҳуқуқу уҳдадориҳои аъзои оила ва мақомоти дахлдор нишон дода шудааст.

Итминони комил дорем, ки қабули лоиҳаи қонуни мазкур боиси ҳалли мушкилоти оиладорӣ, баланд шудани масъулияти шаҳрвандон дар муносибатҳои оилавӣ, пешгирии зӯроварӣ дар оила ва танзими ҳуқуқии ин муносибатҳо мегардад.

Аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**Рустам ЛАТИПОВ: - Мухтарам Раис, Раёсат ва ҳозирини гиромӣ!**



Бояд зикр намуд, ки аз ҷониби гурӯҳи ташаббускорон кори зиёд анҷом дода шудааст. Зимни таҳияи лоиҳаи қонуни мазкур асноди



қонунгузории дигар кишварҳо, ҳолатҳои хушунат дар оила, ҳамзамон расму оин, дин ва менталитети мардуми Тоҷикистон ба инобат гирифта шудаанд.

Хушунат ва зӯроварӣ, дар ҳақиқат, ба яке аз ҳодисаҳои номатлуби ҷомеа ва оила табдил ёфтааст. Аз тарафи дигар, исбот кардани чунин ҷиноятҳо ниҳоят мушкил аст, зеро ҳарчанд қонунгузорӣ имрӯз паҳлуҳои гуногун, ҷиҳатҳои исбот ва татбиқи ҷазоро нисбат ба чунин ҷинояткорӣ дар бар мегирад, кам нафароне ҳастанд, ки оиди зӯроварӣ дар оила ба мақомоти марбута муроҷиат намоянд.

Оқибат ин боиси носолимии вазъи оила ва саломатии аъзои он гардида, дар навбати худ ба муносибатҳо дар ҷамъият таъсири бад мерасонад. Тадбирҳои пешгирии чунин ҳодисаҳои номатлуб аз тарбия, пеш аз ҳама дар оила сарчашма мегирад: аз муносибати зану шавҳар, падару модар нисбати кӯдак. Албатта, муҳити берун аз оила, ҷомеа ҳам таъсири бузург дорад.

Қабули қонуни мазкур илоҷи ягонаи ҳалли мушкилиҳо нест. Лекин зикр намудан зарур аст, ки дар қатори тадбирҳои андешида қабули қонуни мазкур амали воқеие хоҳад буд, ки метавонад устувории ҷомеа ва оиларо таъмин намуда, дар навбати дигар масъулияти аъзои оиларо дар назди якдигар, оиларо дар назди ҷомеа ва масъулияти мақомоти марбутаро нисбат ба андешидани тадбирҳои саривақтӣ ва пешгирии чунин ҳодисаҳои номатлуб баланд бардорад.

Аз вакилони гиромӣ хоҳишмандам қабули онро ҷонибдорӣ намоянд.

*Лоиҳаи қонун боб ба боб ва модда ба модда ба овоз монда, қонун яклухт қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Маҳмудов Насрулло Раҳматҷонович дода мешавад.

**Насрулло МАҲМУДОВ: - Мухтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳайринисо Юсуфӣ, Сабоҳат Муқумова, Насрулло Маҳмудов ва шодравон Ҳадича Ҳакимова пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур ҷиҳати таъмини иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» таҳия гардида, ба қисми якуми моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» илова намудани банди 6)- ро дар назар дорад.

Мувофиқи лоиҳаи қонуни мазкур, минбаъд милитсия вазифадор мешавад, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои фардии пешгирии зӯроварӣ дар оиларо татбиқ намояд. Ворид намудани тағйиру иловаҳои зикргардида ба мақомоти корҳои дохилӣ имконият медиҳад, ки ваколатҳои дар моддаҳои 11, 18-22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» пешбининамударо амалӣ намояд. Дар қонуни зикршуда якчанд намуд чораҳои фардии пешгирии зӯроварӣ дар оила пешбинӣ шудааст. Дар моддаи 18-уми қонун татбиқи чораи махсуси фардии хоси пешгирии зӯроварӣ дар оила, яъне додани амрномаи муҳофизатӣ ба шахси зӯроварӣ содирнамуда, танҳо ба уҳдаи мақомоти корҳои дохилӣ гузошта, дар моддаи 21 тартиби додани он пешбинӣ шудааст.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш мекунам, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Ҳисайнов Умаралӣ Фатоҳович дода мешавад.

**Умаралӣ ҲИСАЙНОВ: - Мухтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» пешниҳод карда мешавад.

Бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 июни соли 2012 ин лоиҳа барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, дигар кумитаҳо ва барои хулосаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда бо мақсади мушаххас кардани ваколатҳои милитсия оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила таҳия ва пешниҳод гардидааст.



Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро омӯхта, онро ҷонибдорӣ карда, хулосаҳои худро пешниҳод намуданд.

Аз кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кумитаи масъул се таклиф ворид гардида, аз онҳо як таклиф пурра, як таклиф қисман қабул гардида, як таклиф қобили қабул ҳисобида нашуд.

Кумитаи масъул масъалаи зикргардидаро 13 декабри соли 2012 дар ҷаласаи васеи худ бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор дод.

Кумитаи масъул, бо назардошти мулоҳизоти иштирокчиёни ҷаласа, ба хулоса омад, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» ҷонибдорӣ карда шавад.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Муқумова Сабоҳат Аминовна дода мешавад.

**Сабоҳат МУҚУМОВА: - Мухтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон» «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳайринисо Юсуфӣ, Сабоҳат Муқумова ва Насрулло Маҳмудов пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур ҷиҳати амалӣ гардидани меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» пешниҳод гардида, ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ворид намудани моддаҳои $93^1$ ва $93^2$ -ро дар назар дорад.

Мувофиқи моддаи $93^1$ барои риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила, яъне содир намудани кирдори қасдонаи дорои хусусияти ҷисмонӣ, рӯҳӣ ё иқтисодӣ ё таҳдиди содир намудани онҳо дар муносибатҳои оилавӣ, агар ин кирдор боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои аъзои оила гардад, ҳангоми набудани аломатҳои ҷиноят, ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ шудааст.

Зикр кардан зарур аст, ки мутобиқи меъёрҳои моддаҳои 1, 11, 18 ва 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» амрномаи муҳофизатӣ яке аз намудҳои чораҳои фардии пешгирии зӯроварӣ дар оила ба ҳисоб рафта, барои бароварданни он муроҷиат оид ба ҳолати содир шудани зӯроварӣ дар оила ё таҳдиди содир намудани он асос мебошад.

Амрномаи муҳофизатӣ ба шахси мукаллафи зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда, ки ҳангоми баровардани он ба синни 16 – солагӣ расидааст, аз ҷониби сардор ё муовинони сардори мақомоти корҳои дохилии маҳалли содир шудани зӯроварӣ дар оила дар муддати 24 соат аз лаҳзаи содир шудани зӯроварӣ дар оила ё ҷой доштани таҳдиди содиршавии он ё аз лаҳзаи додани ариза дар бораи содир шудани зӯроварӣ дар оила дода мешавад.

Амрномаи муҳофизатӣ ба муҳлати то 15 рӯз дода мешавад. Дар асоси аризаи ҷабрдида ё намояндаи қонунии ӯ мумкин аст муҳлати амрномаи муҳофизатӣ бо дархости сардори мақомоти корҳои дохилӣ ва розигии прокурор то 30 рӯз тамдид карда шавад.

Дар амрномаи муҳофизатӣ насаб, ном ва номи падари шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда ё таҳдиди содир кардани онро намуда, вақт ва ҷойи додани амрнома, ҷой, вақт ва ҳолати содир кардани зӯроварӣ дар оила ё таҳдиди содир кардани он, талаботи пешбинишуда ва муҳлати амали онҳо, оқибатҳои ҳуқуқӣ дар сурати давом додани ҳаракатҳои зиддиҳуқуқӣ ва риоя накардани талаботи амрномаи мазкур, мансаб, насаб, ном ва номи падари шахси амрномаи муҳофизатиро баровардан зикр мегардад.

Шахсе, ки амрномаи муҳофизатиро гирифтааст, уҳдадор аст талаботи дар он пешбинишударо иҷро намояд. Дар ҳолати риоя накардани талаботи амрномаи муҳофизатӣ шахси мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи $93^2$ Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад.

Эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки барои қабули қонуни мазкур овоз диҳед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Маҳмудов Насрулло Раҳматҷонович дода мешавад.

**Насрулло МАҲМУДОВ: - Мухтарам Раис, мухтарам Раёсат ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи қонуни мазкур аз силсилаи он қонунҳое мебошад, ки баҳри таъмини иҷрои лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» таҳия гардида, ворид намудани моддаҳои $93^1$ ва $93^2$ -ро ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар дорад.

Ин лоиҳа дар асоси Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №1389 аз 25 июни соли 2012 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд, ки онҳо лоиҳаро ҷонибдорӣ намуда, ҷиҳати мукаммалгардонии он 10 таклиф пешниҳод карданд.

Кумитаи масъул рӯзи 25 ноябри соли 2012 ҷаласаи васеъ гузаронида, бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонунро баррасӣ намуд.

Дар натиҷаи муҳокима аз 10 таклифу пешниҳод 9- тоаш қисман ё пурра қобили қабул шуморида, дар мувофиқа бо субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба лоиҳа ворид карда шуданд.

Лоиҳаи қонун аз лиҳози техникаи қонунгузорӣ такмил дода шуда, моддаҳои $90^1$ ва $90^2$ ба моддаҳои $93^1$ ва $93^2$ иваз карда, ҳамзамон диспозитсияи ин моддаҳо ба меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» мутобиқ гардонида шуданд.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш мекунам, ки лоиҳаи қонунро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

Ҷаласаро Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷамъбаст намуд.

*Ҷумъахон НАБОТОВ,*
*Аъзам МӮСОЕВ,*
*Далер МЕРГАНОВ,*
*«Садои мардум».*
*Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ*

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳри Турсунзода**

Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Турсунзода «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳр» тахти № 623 аз 2 ноябри соли 2012 баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 23 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад**:

**Номи деҳоти 1 май ба деҳоти ба номи Турсун Туйчиев, номи деҳоти Ғарав ба деҳоти Регар ва номи деҳаҳои зерини шаҳри Турсунзода:**

деҳаи 7 Кавалерийская Бригада ба деҳаи Хайрободи деҳоти 1 май
деҳаи Қунғирот ба деҳаи Бӯстони деҳоти 1 май
деҳаи Кетмон-чоптӣ ба деҳаи Ҳидояти деҳоти 1 май
деҳаи Коммуна ба деҳаи Дӯстии деҳоти 1 май
деҳаи ба номи Чапаев ба деҳаи Гулистони деҳоти 1 май
деҳаи Қулоқтеппа ба деҳаи Роҳатии деҳоти 1 май
деҳаи Ҷаврат ба деҳаи Моҳинави деҳоти 1 май
деҳаи Янгиобод ба деҳаи Ҳаёти нави деҳоти 1 май
деҳаи Қунгир ба деҳаи ба номи Мир Саид Алии Ҳамадонии деҳоти 1 май
деҳаи Ҷатта ба деҳаи ба номи Маҳмуд Эшназарови деҳоти 1 май
деҳаи Чинғиров ба деҳаи Баҳори деҳоти 1 май
деҳаи Бугалак ба деҳаи Байналмилали деҳоти Ғарав
деҳаи Дурман ба деҳаи Иттифоқи деҳоти Ғарав
деҳаи Оқмачит ба деҳаи Шаҳрисабзи деҳоти Ғарав
деҳаи Шодлик ба деҳаи Шодиёнаи деҳоти Ғарав
деҳаи Оқтелпак ба деҳаи Файзободи деҳоти Ғарав
деҳаи Оқтош ба деҳаи Навбаҳори деҳоти Ғарав
деҳаи Говмеш ба деҳаи Деҳқонободи деҳоти Ғарав
деҳаи Янгиқишлоқ ба деҳаи Навободи деҳоти Ғарав,
деҳаи Тошқалоқ ба деҳаи Сангқалъаи деҳоти Навобод
деҳаи Тошобод ба деҳаи Боғи ирами деҳоти Навобод
деҳаи Бештеппа ба деҳаи ба номи Саттор Раҷабови деҳоти Навобод
деҳаи Шодмон-қазоқ ба деҳаи Шодмони деҳоти Навобод
деҳаи Қизил-юл ба деҳаи Ваҳдати деҳоти Навобод
деҳаи Уро-ур ба деҳаи Обшорони деҳоти Навобод
деҳаи Қузибачча ба деҳаи ба номи Ортиқ Ҷумаеви деҳоти Навобод
деҳаи Қаратевал ба деҳаи Темурмалики деҳоти Навобод
деҳаи Галоботур ба деҳаи Истиқлоли деҳоти Навобод
деҳаи Каронӣ ба деҳаи Канораи деҳоти Навобод
деҳаи Тегирмон ба деҳаи Меҳргони деҳоти 10-солагии Истиқлолият
деҳаи Чуқурқишлоқ ба деҳаи Ифтихори деҳоти 10-солагии Истиқлолият
деҳаи Тошгузар ба деҳаи Хуррамзамини деҳоти 10-солагии Истиқлолият
деҳаи ба номи Чапаев ба деҳаи Бахтовари деҳоти 10-солагии Истиқлолият
деҳаи Қурбонкӯса ба деҳаи ба номи Исмоили Сомонии 10-солагии Истиқлолият
деҳаи Чоштеппа ба деҳаи Зарафшони деҳоти 10-солагии Истиқлолият
деҳаи Нура-ости ба деҳаи Намунаи деҳоти 10-солагии Истиқлолият
деҳаи Новосой ба деҳаи Нурафшони деҳоти 10-солагии Истиқлолият
деҳаи Келдибулоқ ба деҳаи Лолазори деҳоти 10-солагии Истиқлолият
деҳаи Товабулоқ ба деҳаи Сарчашмаи деҳоти 10-солагии Истиқлолият
деҳаи Новотбулоқ ба деҳаи Ширинчашмаи деҳоти 10-солагии Истиқлолият
деҳаи Қоракӯз ба деҳаи Кӯҳсори деҳоти 10-солагии Истиқлолият
деҳаи Янгиариқ ба деҳаи Ҷовидони деҳоти Қаратоғ
деҳаи Олтинчилав ба деҳаи Меҳрободи деҳоти Қаратоғ
деҳаи ба номи Куйбишев ба деҳаи Даҳбеди деҳоти Қаратоғ
деҳаи Қушбулоқ ба деҳаи ба номи Имоми Аъзами деҳоти Қаратоғ
деҳаи Ҷайратеппа ба деҳаи ба номи Боқӣ Раҳимзодаи деҳоти Қаратоғ
деҳаи Коммуна ба деҳаи ба номи Сайдалӣ Табарови деҳоти Қаратоғ
деҳаи ба номи Киров ба деҳаи Аҳоруни деҳоти Қаратоғ
деҳаи Ғурумсой ба деҳаи Наврӯзи деҳоти Қаратоғ
деҳаи Арши обӣ ба деҳаи Маданияти деҳоти Қаратоғ
деҳаи Аскари сурх ба деҳаи Зарнисори деҳоти Қаратоғ
деҳаи Қамбар ба деҳаи ба номи Юлдош Ашӯрови деҳоти Қаратоғ
деҳаи Оқмазор ба деҳаи Олимободи деҳоти Работ
деҳаи Бешкаппа ба деҳаи Хайрободи деҳоти Работ
деҳаи Эфиронос ба деҳаи Анҷибари деҳоти Пахтаобод
деҳаи Яхшиобод ба деҳаи Самарқанди деҳоти Сешанбе
деҳаи ба номи Свердлов ба деҳаи ба номи Иброҳим Бозорови деҳоти Сешанбе
деҳаи Дурбент ба деҳаи Дурбеди деҳоти Сешанбе
деҳаи Чириштеппа ба деҳаи ба номи Саъдии Шерозии деҳоти Ҷӯра Раҳмонов
деҳаи Ободон ба деҳаи ба номи Тоиб Тӯйчиеви деҳоти Ҷӯра Раҳмонов
деҳаи Пахта-ширкат ба деҳаи ба номи Аскаралӣ Мирзоеви деҳоти Ҷӯра Раҳмонов
деҳаи Оққурғон ба деҳаи ба номи Обида Нӯъмоноваи деҳоти Ҷӯра Раҳмонов
деҳаи Ленин-юли ба деҳаи ба номи Бобоҷон Ғафурови деҳоти Ҷӯра Раҳмонов
деҳаи ба номи Ленин ба деҳаи Нурободи деҳоти Ҷӯра Раҳмонов
деҳаи Мингтут ба деҳаи ба номи Намоз Кӯчарови деҳоти Ҷӯра Раҳмонов
деҳаи Қуруқсой ба деҳаи ба номи Қарабой Наимови деҳоти Ҷӯра Раҳмонов
деҳаи Кучкон ба деҳаи Чашмаи деҳоти Ҷӯра Раҳмонов
деҳаи ба номи Карл Маркс ба деҳаи ба номи Ҷӯрақул Шукурови деҳоти Ҷӯра Раҳмонов
деҳаи Долонсой ба деҳаи ба номи Бобониёз Тошеви деҳоти ба номи Ҷӯра Раҳмонов

тағйир дода шаванд.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 13 декабри соли 2012 № 452**

**● 28 декабр- Рӯзи таъсисёбии мақомоти амнияти Тоҷикистон**

# Мақомоти амният дар ҷодаи талош

Мақомоти амният яке аз рукнҳои муҳими давлату давлатдорист, ки ба таҳким бахшидани фаъолияти он диққати махсус ва аввалиндараҷа дода мешавад.

Таҳлили маводҳо нишон медиҳанд, ки чӣ душманони дохилӣ ва чӣ хориҷӣ ҳамеша кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки бо роҳу усулҳои гуногун фаъолияти сохторҳои қудратӣ, пеш аз ҳама мақомоти амниятро суст гардонанд ва ба мақсадҳои ниҳоии хеш бирасанд. Воқеаҳои солҳои 80 ва 90-уми асри гузаштаи дар ҳудуди Иттиҳоди Шӯравӣ бавуқуъпайваста мисоли равшани гуфтаҳои болост, ки ба пош хӯрдани ин давлати абарқудрат оварда расонид.

Дар Тоҷикистон низ ин раванди манфӣ аз ҷониби қувваҳои сиёҳкор хуб истифода шуд. Ин қувваҳои моҷароҷӯ мехостанд дар мадди аввал мақомоти амниятро заифу беобрӯй ва баъд фаъолияти онро фалаҷ гардонанд, зеро дар байни ташкилотҳои ҳифзи ҳуқуқ танҳо макомоти амният вазифаҳои хешро адо менамуд, дигар сохторҳо қариб амал намекарданд. Бо ин мақсад онҳо 10-уми майи соли 1992 ба бинои мақомоти амнияти Тоҷикистон ҳуҷуми мусаллаҳона намуда, хостанд онро зери тасарруфи худ дароранд. Аммо қувваҳои зиштният ба мақсади манфури худ расида натавонистанд ва аз ҷониби кормандони амният ба муқовимати сахт дучор шуданд.

Бо айби ба саҳлангорӣ роҳ додани роҳбарияти ҳамонвақтаи кишвар, инчунин тахти таъсири манфии омилҳои дохилию берунӣ ва бо «кӯшиш»-и душманон Тоҷикистон дар ибтидои даврони соҳибистиқлолӣ ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд. Дар рафти ин ҷанги бемаънӣ ба мамлакат ва мардуми он хисороти калони ҷонӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, рӯҳӣ ва маънавӣ расонида шуд, ки то имрӯз мо оқибатҳои манфии онро эҳсос менамоем.

Шукри Яздони покро мекунем, ки ҷаласаи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри бостонии Хуҷанд баргузоршуда ба ин бесарусомониҳо нуқта гузошт. Мавриди зикр аст, ки дар сафарбар кардани бархе аз вакилони мардумӣ аз минтақаҳои гуногуни кишвар барои рафтан ба шаҳри Хуҷанд ва иштирок дар ҷаласаи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таъмини амнияти баргузории он кормандони мақомоти амнияти ҷумҳурӣ сахми арзанда доранд.

Дар ин ҷаласаи таърихӣ аз ҷониби вакилон фарзанди фарзонаи миллат Эмомалӣ Раҳмон Роҳбари давлати тоҷикон интихоб гардид. Моҳи ноябри соли ҷорӣ 20-умин солгарди ин ҷаласаи тақдирсозро чун ҷашни муқаддас дар тамоми кишвар ботантана таҷлил карданд. Дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таклифи Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз мутахассисони варзидаи соҳаи амният Саидамир Зухуров раиси Кумитаи амнияти миллӣ таъин гардид. Саидамир Зухуров якчанд сол дар Афғонистон дар сафари хизматӣ буд ва дар мақомоти кашфи Кумитаи бехатарии давлатии Иттиҳоди Шӯравӣ – дар шаҳри Москва кор карда, дар соҳаи амният таҷрибаи бойи корӣ ҳосил карда буд.

Баъди ба ин вазифа таъин гардидани Саидамир Зуҳуров ва кӯмаку дастгирии бевоситаи Сардори давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти мақомоти амният дар ҳама ҷода шакл ва ранги дигар гирифта, рӯ ба беҳбудӣ ниҳод. Ӯ бо маҳорату кордонии хеш тавонист, ки дар атрофи худ кормандони амниятро ҷалб намояд. Фазои дигар – фазои созандагӣ, боварӣ, кӯмак ва эҳтиром ба якдигар, устувор будани кормандон ба савганди ҳарбии хеш, иҷрои бекамукости талаботи оинномаҳои соҳавӣ ва ҳарбӣ, фармону амрҳо аз боло то ба поён ҳукмрон гашт.

Яке аз вазифаҳои вазнине, ки ҳамон солҳо роҳбарияти мақомоти амният иҷро кард, ин вобаста ба вазъ ва талаби замон дар Кумитаи амнияти миллӣ ташкил кардани якчанд раёсату шуъбаҳои ҷадид, гурӯҳи зудамали «Алфа», инчунин таъмини онҳо бо низомномаву дастурамалҳои мукаммали соҳавӣ ва лавозимоти ҳарбӣ буд. Бо назардошти таҳдиду хатарҳои навзуҳур, аз қабили терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, яроқу аслиҳа ва ғайра тағйироти сохторӣ ва таъсиси бахшҳои нав дар Кумитаи амнияти миллӣ анҷом дода шуд.

Бо дастгирии Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар назди Кумитаи амнияти миллӣ моҳи декабри соли 1992 бригадаи зудамал таъсис ёфт, ки дар ҳамбастагӣ бо сарҳадчиёни Федератсияи Россия марзу буми Тоҷикистони азизро аз душманон ҳимоя мекард.

Дар ташкили бригадаи мазкур ва бо лавозимоти зарурӣ таъмин кардани ҳайати шахсии он саҳми С.Зуҳуров, А.Рогов ва С.Сайфуллоев хеле калон аст. Минбаъд дар асоси бригадаи номбурда Қӯшунҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис шуданд, ки дар рушду нумуи онҳо хизматҳои С.Камолов, А.Азимов ва С.Зуҳуров барҷастаанд. Ҳоло ин қувваҳо вазифаи муқаддасу пурмасъулият – ҳифзи сарҳади Тоҷикистонро сарбаландона иҷро менамоянд.

Муносибатҳои роҳбарону зердастон муносибатҳои корӣ ва самимӣ буданд. Ҳама камбудиву норасоиҳо ошкоро гуфта, сари вақт баҳри рафъи онҳо чораҳо андешида ва амалӣ карда мешуд. Хулоса, дар Кумитаи амнияти миллии кишвар ва зерсохторҳои он як вазъи созгор барои кору фаъолият муҳайё шуда буд. Баъд аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти амният ба душвориҳо нигоҳ накарда, фаъолияти худро дар чорчӯбаи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои ҷумҳурӣ ба роҳ монд. Мақомоти амният барои таъмини бехатарии давлат, ҳифзи сохти конститутсионӣ, мардуми кишвар ва ба эътидол овардани авзои сиёсиву иҷтимоӣ, иқтисодӣ кори зиёди шоистаро ба анҷом расонид. Дар ин раванд даҳҳо ҷиноятҳои вазнини айёми бесарусомонӣ содиршуда ошкор, якчанд гурӯҳҳои тахрибкору террористӣ ва ҷиноятпеша безарар гардонида, ҳазорҳо адад яроқу аслиҳа ва дигар лавозимоти ҷангӣ бозёфт ва мусодира, якчанд ҷиноятҳои аз ҷониби ҷиноятпешагон пешакӣ тарҳрезишуда сари вақт ифшо ва пешгирӣ карда шуд.

Дар давоми солҳои ҳассоси навадуми асри гузашта Кумитаи амнияти миллии Тоҷикистон ба як қатор мушкилот дучор шуд, ки таъмини бевоситаи амнияти кишвар аз сари вақт ҳал намудани онҳо вобастагии калон дошт. Пеш аз ҳама, соҳаҳои амният аз нарасидани кадрҳои баландихтисос танқисӣ мекашиданд. Бисёр мутахассисони русзабон дар он солҳои ноором аз кор рафта, Тоҷикистонро тарк намуда, ба маҳалҳои таърихии худ баргаштанд. То пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ кадрҳоро барои мақомоти амнияти Тоҷикистон дар макотиб ва курсҳои олии дигар ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ тайёр мекарданд. Аз ин лиҳоз, лозим буд, ки кормандонро ба кор қабул карда, ҳар чӣ зудтар ба онҳо малакаҳои лозимиро барои кор дар мақомоти амният омӯзонанд. Бо ин мақсад дар назди Кумитаи амнияти миллии ҷумҳурӣ курсҳои махсуси кӯтоҳмуддат барои тайёр карданикадрҳо ташкил карда шуданд, ки онҳо минбаъд барои омодасозии кадрҳо нақши муҳим бозиданд.

Ба ғайр аз ин, барои таълиму тарбияи навкорон устодон ва адабиёти зарурӣ намерасиданд. Аз ин рӯ, бо таклифи роҳбарияти мақомоти амният ба шаҳри Душанбе аз шаҳрҳои Москва ва Тошканд барои таълими навкорони мақомоти амният дар ин курсҳо мутахассисони варзида, мисли полковникҳо Саидумар Раҷабов ва Ҳикматулло Иззатов, ки аллакай таҷрибаи бойи устодӣ доштанду дар донишгоҳҳои олии Кумитаи бехатарии давлатии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дарс медоданд, даъват шуданд. Саҳми онҳо дар амри таъсис додани мактаби олии амният бағоят калон аст.

Бо кӯшишу заҳмати роҳбарияти мақомоти амният адабиёти лозимӣ низ аз шаҳрҳои Тошканд, Москва ва Минск барои пешбурди таълим дар ин курсҳо дастрас гардид. Баҳри баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар ин курсҳо ва омодасозии мутахассисони варзида махсусан роҳбарияти мақомоти амният, сардорони раёсатҳо, шуъбаю шуъбачаҳои дастгоҳи марказии Кумитаи амнияти миллӣ ба таълимгирандагони курсҳо машғулиятҳои хоса мегузарониданд. Пас аз ташкили ин курсҳо бисёр собиқадорони мақомоти амният, амсоли полковникҳо С.Исмоилов, Ғ.Аслонов, М.Ризвонов, К.Ҷалилов, Ҳ.Бегов, А.Норматов, В.Қосимов, шодравонҳо В.Сталинский, Ш.Ёдгоров, Г.Кузнетсов ва дигарон бо пешниҳоди роҳбарияти мақомоти амният ба кор баҳри тайёр кардани кадрҳо даъват карда шуданд. Ин иқдоми дурандешонаи роҳбарияти амниятро нафақахӯрон хуб пазируфтанд ва як қисм афсарони аз рӯйи синну сол баистеъфорафта низ барои давом додани хизмати ҳарбӣ ва ба ҷавонон андӯхтани дониш ва таҷрибаи ғании хеш бо хоҳиши худ ба мақомоти амният баргаштанд. Бо ҳамин як мушкилоти асосӣ – тайёр кардан ва бо кадрҳои баландихтисос таъмин намудани мақомоти амнияти кишвар тадриҷан ҳалли худро ёфт.

Бо ғамхориву дастгирии роҳбарияти ҷумҳурӣ, махсусан Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Мактаби олии амнияти ҷумҳурӣ ҳоло бо бинои ҳозиразамон, синфхонаҳои ҳамаҷониба ҷиҳозонидашуда, бо адабиёти зарурӣ, устодони соҳибтаҷриба таъмин буда, барои донишҷӯён тамоми шароит муҳайё шудааст.

То истиқлолияти давлатӣ, яъне сентябри соли 1991, ҳуҷҷатгузорӣ дар мақомоти амният пурра ба забони русӣ пеш бурда мешуд, фаъолияти корӣ бошад, дар тамоми самтҳо дар асоси фармону амрҳо, низомномаву дастурамалҳои дар давраи шӯравӣ батабъррасида амалӣ мегардид. Аз ин сабаб, ба мақомоти амнияти ҷумҳурӣ зарур буд, ки ҳар чӣ тезтар фармону амрҳо, дастурамалу низомномаҳои соҳавӣ аз сари нав мувофиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои дар кишвар амалкунанда, тибқи талаботи замони муосир, бо забони тоҷикӣ таҳия карда шаванд.

Ин амале буд ниҳоят мушкил, аммо роҳбарияти мақомоти амният бо сардории Саидамир Зуҳуров аз уҳдаи иҷрои ин вазифаи ниҳоят пурмасъулият низ баромад. Аз ҷумлаи кормандони болаёқату соҳибтаҷриба гурӯҳи кории доимоамалкунанда ташкил карда шуд ва ин гурӯҳ тайи се сол даҳҳо фармону амрҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои соҳавиро таълиф кард. Дар ҳамин радиф Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (20 марти соли 2008) ва қонунҳои дахлдор низ таҳия ва аз ҷониби мақомоти қонунбарор қабул карда шуданд. Тадбири мазкур баҳри таҳкими қонуният ва дар чаҳорчӯбаи қонунҳо пурзӯр намудани фаъолияти фаврӣ-ҷустуҷӯйӣ таккони ҷиддӣ ба фаъолияти мақомоти амният бахшид. Коргузорӣ дар ин мақомот тадриҷан бо забони тоҷикӣ сурат гирифт.

Бо заҳмату талоши зиёд аксари маводи бойгонии мақомоти амнияти Тоҷикистон, ки дорои аҳамияти сиёсиву таърихӣ ва фаврӣ буда, бо қарори махсуси Кумитаи бехатарии давлатии Иттиҳоди Шӯравӣ дар бойгонии Хадамоти миллии бехатарии Ҷумҳурии Ӯзбекистон – дар шаҳри Тошканд маҳфуз буданд, ба бойгонии Кумитаи амнияти миллии ҷумҳурӣ баргардонида шуданд. Дар кори ба Тоҷикистон баргардонидани маводҳои мазкур ва ғанӣ гардонидани бойгонии мақомоти амният хизмати генерал-полковник Саидамир Зуҳуров шоёни таҳсин аст.

Мувофиқи маълумотҳои воридшуда, бо мақсадҳои душманона, махсусан ба ошӯб андохтани мардум ва ба даст овардани даромади муфт қисме аз яроқбадастон, иғвогарону чоплусон аз вазъи ноороми шаҳри Душанбе истифода бурда, бо роҳҳои гуногун намегузоштанд, ки нони аз заводҳои нонпазӣ баромада ба нуқтаҳои нонфурӯшӣ пурраву сари вақт ва мунтазам бурда расонида шавад ва аҳолӣ ба қадри кам бошад ҳам, аз он таъмин гардад. Аз ин рӯ, боз як вазифаи муҳиме, ки ҳамон солҳо роҳбарияти кишвар ба дӯши мақомоти амният вогузошту онро Кумитаи амнияти миллӣ сарбаландона иҷро кард, ин ба нуқтаҳои савдои шаҳри Душанбе тавассути мошинҳои зиреҳпӯш расонидани нон ва тақсимоти одилонаи он дар байни аҳолӣ буд. Дар ин бора Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониаш бахшида ба 20 – солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ишора кард.

Қобили зикр аст, ки баъзе гурӯҳҳои иғвоангезу моҷароҷӯ ба хотири ангезонидани мардум ба муқобили сохти конститутсионӣ дар шаҳри Душанбе ва навоҳии атрофи он 24-уми апрели соли 1994 пинҳонӣ ба нашр ва паҳн кардани варақаҳои мазмунан душманона даст заданд. Ашхоси ин амалро содиркарда дар муддати кӯтоҳ муайян ва ба ҷавобгарӣ кашида шуданд.

Ба ғайр аз ин, гурӯҳҳои ҷиноятпешаи ҳамон солҳо дар ҷумҳурӣ амалкунанда, дар баробари амалиёти тахрибкориву террористӣ, инчунин ба гаравгонгирии ходимони давлатӣ, ҷамъиятӣ, ашхоси обруманду соҳибмансаб, сарватманд ва баъзе шаҳрвандони хориҷӣ машғул буданд. Мақомоти амнияти кишвар дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату ташкилотҳои ҳифзи ҳуқуқ даҳҳо ин гуна ҷиноятҳои вазнинро ошкор намуда, гаравгононро безарар озод намудааст.

Саҳми мақомоти амнияти ҷумҳурӣ бобати ба Ватан баргардонидани муҳоҷирону фирориёни иҷборӣ аз қаламрави Афғонистон ва дигар давлатҳо низ қобили таъкиди хос аст. Ба ин кор афсарони мақомоти амният полковникҳо Ф.Махкамов, А.Айниев, А.Пӯстиев ва дигарон сафарбар гардида буданд, ки ба вазъияти пурхатари ҳарбӣ-сиёсии Афғонистон нигоҳ накарда, ҷони худро рӯйи каф гузошта, чанд муддат дар ин ҳамсоякишвар вазифаи хизматии худро баҳри таъмини бозгашти ҳамватанон ба Тоҷикистон бомуваффақият ва натиҷабахш адо намуданд.

Солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар дасти мардум, махсусан гурӯҳҳои тахрибкору террористӣ ва дигар ашхоси ҷиноятпеша, яроқу аслиҳаи ҷангӣ, маводи тарканда зиёд буд. Маълум, ки олами ҷиноӣ танҳо бо мақсадҳои ифлосу ғаразнок яроқу аслиҳаро ба даст оварда, ғайриқонунӣ онро нигоҳ дошта ва истифода мебарад. Бо ҳамин сабаб пешгирӣ ва кушодани ҷиноятҳое, ки бо истифода аз яроқҳои оташфишону маводи тарканда содир карда мешуд, он солҳо хеле душвор буд. Аз ин лиҳоз, дар ҳамон давраҳои воқеан вазнин вазифаҳои масъулиятноки таъмини амнияти ҷаласаҳои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷлису машваратҳои сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявидошта, ки дар кори онҳо Роҳбари давлат, вакилони мардумӣ, аъзои Ҳукумат ва дигар ашхоси мувофиқи қонун ҳифзшаванда иштирок мекарданд, инчунин ба Тоҷикистон омадану баргаштани меҳмонони воломақоми хориҷиро кормандони мақомоти амният ба дӯш доштанд.

Тавре маълум аст, бо дастгирӣ ва кӯмаки бевоситаи душманони берунӣ аз ҷониби қувваҳои ифротгарои дохилӣ солҳои 1996-1998 дар Тоҷикистони ҷангзада якчанд кӯшишҳои мусаллаҳона баҳри ба амал баровардани табаддулоти давлатӣ ба харҷ дода шуданд. Танҳо тавассути истодагарӣ зоҳир намудани Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, инчунин иштироки фаъолонаи мақомоти қудратӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, аз он ҷумла амният, ин кӯшишҳои разилона барбод дода шуданд ва амнияти Тоҷикистони азиз таъмин гардид.

Дар ҳамон солҳои пур аз хатар бо супориши роҳбарияти мақомоти амният аз марказ махсусан ба минтақаҳои ноорому хавфнок кормандони соҳибтаҷриба ва болаёқат мунтазам сафарҳои хизматӣ анҷом медоданд. Онҳо фаъолияти кории раёсатҳо, шуъбаҳо ва шуъбачаҳои вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳоро дар се моҳ, шаш моҳ ва як сол санҷида, ҷамъбаст намуда, чорабиниҳоро баҳри иҷрои вазифаҳои нав тарҳрезӣ мекарданд.

Мақомоти амнияти ҷумҳурӣ дар ҳамкорӣ бо вазорату ташкилотҳои марбута на танҳо аз уҳдаи ҳалли ин ҳама масъалаҳои муҳим бомуваффақият баромад, балки бар замми ин боз даҳҳо ҷиноятҳои вазнинро, ки ба таъмини бехатарии давлат ва сохти конститутсионӣ бевосита вобаста буданд, ошкор ва пешгирӣ намуд.

Дар рафти ҷанги шаҳрвандӣ ва умуман солҳои 90-уми асри гузашта, баҳри таъмини амният ва таҳкими сулҳу субот дар кишвар 107 нафар афсарону коргарони беҳтарини мақомоти амнияти Тоҷикистон (рӯҳашон шод бод) ҷон супориданд, садҳо нафар захмҳои гуногуни ҷисмонӣ бардоштанд, ҳафт нафар бе ному нишон гум шуданду то ин дам аз ҷониби мақомоти марбута дар кофтукованд. Аз ҷониби мақомоти амният ба оилаҳое, ки сарпарасти худро талаф дода ё гум карда буданд, мунтазам кӯмакҳои пулӣ ва молӣ дастрас мегардид. Ба ҷароҳатбардоштагон ёрии тиббӣ расонида мешуд.

Дар кори бомуваффақият анҷом додани ин чорабиниҳо саҳми афсарони мақомот, аз зумра А.Куптсов, Д.Мамадризобеков, И.Раҳматов, Х.Ҳамроқулов, А.Азимов, Б.Абдуллоев, С.Камолов, Ҳ.Амонбеков, Ҳ.Ҳамидов, Ҷ.Назаров, Н.Алибеков, Э.Тоҷибоев, Д.Бобоев, Ҷ.Бобоев, Ф.Носиров, М.Соҳибов, Ш.Исломов, Ш.Салимов, С.Раҳмонов, Ҷ.Мадаминов, А.Насруллоев, Ш.Зарифов, Қ.Сафархолов, ки ҳоло дар нафақаанду давлати пирӣ меронанд, инчунин марҳумон – М.Ҳасаналиев, Ш.Ҷобиров, Ю.Федюшкин, П.Солеҳов (рӯҳашон шод бод) ва дигарон ниҳоят бузург аст.

Раиси имрӯзаи Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ятимов Саймумин Сатторович низ бо тамоми масъулият вазифаи роҳбарии ин мақомоти муҳими давлатиро ба ҷо оварда, анъанаҳои пуршарафи наслҳои гузаштаро идома бахшида, барои тақвияти мақом ва эътибори ин соҳа азму талоши содиқонаю ватандӯстона дорад.

Навиштаи камина дар боби шинохт аз заҳмат ва талошҳои мақомоти амният дар солҳои 90-уми асри гузашта танҳо «қатрае аз баҳр» буд. Боварӣ ва умеди комил дорам, ки ҳайати шахсии имрӯзаи Кумитаи давлатии амнияти миллӣ заҳмату саҳмгузориҳои наслҳои гузаштаро қадр намуда, бо масъулиятшиносию кордонии худ онҳоро афзун менамояд. Шеъри зеринро, ки банда аз самими қалб эҷод намудаам, сармашқи фаъолияти худ қарор медиҳад:

***Сари сарду дили гарму ду***
***дасти пок гар дорам,***
***Бари савганди худ содиқ***
***танамро чун сипар дорам.***
***Қасам бо номи Яздонам, ба***
***имони қавӣ дар дил,***
***Ҳамеша Тоҷикистонро амон***
***аз ҳар хатар дорам.***

Ҳамкасбони азизамро ба муносибати 88-умин солгарди ташкилёбии мақомоти амнияти миллӣ табрику муборакбод гуфта, барояшон умри дароз, саломатӣ, саодати рӯзгор ва муваффақиятҳои беназир баҳри таъмини амнияти Тоҷикистони азиз таманно дорам.

***Эркин МУҲИДДИНОВ,***
***собиқадори***
***мақомоти амният,***
***генерал - майор***




## Бо мардум мулоқот мекунанд

**ВОСЕЪ. (Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Гурӯҳҳои тарғиботии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, дар ҳайати ашхоси шинохтаи вилоят, ба шаҳру ноҳияҳои минтақаи Қӯрғонтеппаю Кӯлоб ташриф оварда, бо мардум оид ба муҳтавои суханронии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 20- солагии Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва дигар масъалаҳои рӯзмарра суҳбату вохӯриҳо баргузор намуданд. Аъзои гурӯҳе, ки роҳбарии онро муовини раиси вилояти Хатлон Ситора Шерова ба уҳда дошт, ба ноҳияҳои дурдасти кӯҳистони Ховалинг, Муъминобод, Шӯрообод, Темурмалик ва Балҷувон омада, ба мардуми синну соли гуногун оид ба масъалаҳои зикршуда як силсила мулоқоти гарму хотирмон доир кард. Иштирокчиёни вохӯриҳо аз суҳбатҳои аъзои гурӯҳ, бахусус аз панду насиҳат ва шеърҳои намакини шоири шинохта Ҳақназар Ғоиб шоду қаноатманд гардиданд.

## Навгонии техникӣ – омили пешравии истеҳсолот

**ДУШАНБЕ. ( Муҳаммадюсуф ШОДИЕВ)** Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе бо мақсади санҷиши омодагӣ ба фасли зимистон ва ҳолатҳои фавқулодда , азназаргузаронии техника, механизм ва мошинҳо сурат гирифт. Сараввал тамоми техника, таҷҳизот, мошин ва механизмҳои Хадамоти хизматрасонии рӯизаминӣ ва ҳолати омодабошии ҳайати корӣ мавриди санҷиш қарор гирифт. Мошинҳои барфрӯб, ядакҳо, таҷҳизоти махсуси борбардор ва борфарор, мошинҳои шустани ҳавопаймоҳо ва сӯхторнишонӣ, техникаи хизматрасонии перронӣ санҷида шуд.

Тавре сардори Хадамоти хизматрасониҳои рӯйизаминӣ Ноёбшо Мизробов гуфт:

-Тайи чор соли охир парки техникии фурудгоҳ пурра нав, тарзи истифодаи аксари техникаҳои ба тозагӣ воридшуда ба кормандон омӯзонида шуд.

Роҳбарияти фурудгоҳ ба омодагии хадамоти мазкур, дастаи сӯхторнишонӣ ва фаъолияти хадамоти аэродром баҳои баланд дод. Таъкид гардид, ки барои шустани ҳавопаймоҳо моеи махсуси зиддияхбандӣ ва барои тоза намудани хати нишасту парвоз ва роҳравҳои зимомӣ ба қадри зарурӣ маводи кимиёии зидди лағжиш захира шудааст.

## Хати оби Муллониёз барқарор шуд

**ВОСЕЪ. (Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Раиси вилояти Хатлон Ғайбулло Авзал, шаш моҳ қабл, дар рӯзи қабули шаҳрвандони Ҷамоати деҳоти ба номи Худоёр Раҷабов, вобаста ба арзи сокинони деҳаҳои Пушёни боло, Пушёни миёна, Пушёни поён ва Осмонбикаи ноҳияи Восеъ дар хусуси нарасидани оби нӯшокӣ, ба масъулони соҳа супориш дода буд, ки дар кӯтоҳтарин муҳлат хати оби 20 сол инҷониб аз фаъолиятмондаи чашмаҳои Муллониёз таъмир ва барқарор карда шавад.

Инак, супориши раиси вилоят дар муҳлати муқарраршуда ба иҷро расид. Дар лаҳзаи ба истифода додани хати оби Муллониёз Ғайбулло Авзал иштирок намуда, ба ҷамъомадагон ваъда дод, ки рӯзҳои наздик аз ҳисоби хати оби мазкур деҳаҳои дигар низ бо оби нӯшокӣ таъмин мешавад. Хати оби чашмаҳои Муллониёз бидуни барқу насос фаъолият намуда, камхарҷу ройгон аст.

## «Ресанда» дубора ба фаъолият оғоз мекунад

**ҚӮРҒОНТЕППА. (Давлат СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Корхонаи дар айёми шӯравӣ маълуму машҳури « Ресанда», ки бо сабабҳои гуногун аз кор монда буд, дубора ба фаъолият оғоз мекунад. Дар ин бора аз Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Қӯрғонтеппа иттилоъ доданд. Бо ин мақсад дар корхона таҷҳизоти наву ҳозиразамон насб гардид. Дар назар аст, ки ҳамчунин дар ҳудуди ин коргоҳ фабрикаи дӯзандагӣ, сеххои коркарди матоъ низ бунёд гарданд. Дар ин коргоҳ мисли пештара беш аз 400 нафар шаҳрвандон метавонанд соҳиби ҷойи кор гарданд. Соли равон боз якчанд корхонаи истеҳсолии дигар низ дар маркази вилояти Хатлон ба фаъолият оғоз намуд.

## Ниҳолшинонӣ оғоз ёфт

**ХАТЛОН. (Давлат СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Тибқи дастури мутахассисон, дар вилояти Хатлон мавсими ниҳолшинонӣ нисбат ба солҳои пешин ду моҳ пештар оғоз гардид. Тавре аз Раёсати ҳифзи муҳити зисти вилояти Хатлон иттилоъ доданд, ин маъракаи муҳим асосан дар минтақаи ҷануби вилоят ва водиҳои иқлимашон гарм шуруъ гардидааст.

Тавре мутахассисон исбот намудаанд, мавсими нисбатан кӯтоҳи фасли баҳор ва тезтар фаро расидани ҳолати гармӣ имкон намедод, ки ниҳолҳои нав шинонида ба шароити муҳит мутобиқ гарданд. Ин ва омилҳои дигар боиси ҳамасола дар вилоят хушк шудани то 150 ҳазор навниҳол мегардид. Ниҳолпарварон умедворанд, ки иқдоми нав, яъне ду моҳ пештар оғоз намудани ниҳолшинонӣ, пеши роҳи хушкшавии онҳоро дар айёми гармо мегирад. Танҳо тавсия ҳамин аст, ки барои муҳофизати решаи навниҳолон онҳо бо плёнка муҳофизат карда, то сари замини ҷойи парваришашон бурда расонида шаванд. Алҳол дар вилояти Хатлон 42 муассисаи ҷамъиятию давлатии ниҳолпарварӣ ва беш аз 100 ниҳолхонаи инфиродӣ мавҷуданд. Ҳамасола дар вилоят беш аз ду миллион дарахтони ҳосилдеҳу сояафкан шинонида мешавад.

## Вохӯрӣ бо аҳли адаб

**МАСТЧОҲ. (Ҳусейни НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №11, ба номи Шодӣ Асроров и деҳоти Оббурдони ноҳияи Мастчоҳ вохӯрии адибону рӯзноманигорон-аъзои маҳфили адабии «Зарафшон» (роҳбараш Маликнеъмат Неъматов) бо хонандагон доир гардид. Аҳли ҷамъомад даставвал аз осорхонаи мактаб дидан карда, дар дафтари хотироти он фикру мулоҳизоти худро сабт намуданд. Сипас, дар толори мактаб мулоқоти адибон, аз ҷумла вакили Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Малик Қурбонов, бо хонандагон доир шуд. Маҳфил дар фазои озод баргузор шуда, адибон Маликнеъмат Маликов, Ҷӯра Юсуфӣ, Арбоб Қурбон ва Абдумалик Зуҳурӣ аз эҷодиёти худ пораҳо қироат карда, ба суолу дархостҳои хонандагон посух доданд.

## Роҳбарон забони англисӣ меомӯзанд

**ХОВАЛИНГ. (Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Панҷ моҳ инҷониб кормандони дастгоҳи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ховалинг машғули омӯзиши забони англисианд. Машғулияти омӯзиширо мутахассиси бахши кор бо занон ва оилаи мақомоти мазкур Гуландом Саидова, ки мутахассиси забони англисӣ аст, ба уҳда дорад. Дарсҳо ҳар рӯзи шанбе, яъне пас аз анҷоми соату ҳафтаи корӣ, баргузор гардида, дар он аз корманди оддӣ то раиси ноҳия ҳама фаъолона иштирок менамоянд.

***Масъули гӯша Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум».***
***Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91***

## ВКД хабар медиҳад

### АЗ ХУСУМАТ ТО ҶИНОЯТ- ЯК ҚАДАМ

Аз бошишгоҳи саҳроии хоҷагии деҳқонии «Сайёд», воқеъ дар деҳаи Калтасойи Ҷамоати деҳоти Саталмуши ноҳияи Балҷувон, ҷасади зани шахсияташ номаълум, тахминан 30-35-сола, бо аломатҳои марги маҷбурӣ (зарбаи олоти тези буранда дар рӯй ва тарафи чапи сар) ёфт гардид. Ҳангоми гузаронидани чораҳои фаврӣ-ҷустуҷӯйӣ сокини деҳаи Сари мазори ҳамин ноҳия Аловуддин Куганов, ки пеш бо моддаҳои 114 ва 234 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон суд шудааст, ҳамчун гумонбар дар куштор дастгир гардид. Номбурда аз хусумати шахсӣ модарандараш Зумратбӣ Шариповаро бо каланд ба сар ва рӯяш мезанад, ки дар натиҷа ӯ ҷароҳати вазнини ҷисмонӣ бардошта, дар ҷойи ҳодиса ба ҳалокат мерасад. Мақтул Зумратбӣ Шарипова рӯзи 27 августи соли 2012 аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ ҳамчун бедарак гумшуда ба қайд гирифта шуда буд. Аз рӯйи ин ҳодиса парвандаи ҷиноӣ оғоз гардида, тафтиш идома дорад.

***

Маҳмадулло Баҳодуров, сокини кӯчаи Федини ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, ба хонаи собиқ ҳамсараш Сурайё Мирзоева омада, бо ҳам ҷанҷол мекунанд. Бо ин қонеъ нашуда, Маҳмадулло Баҳодуров бо корди ошхона собиқ ҳамсарашро зада, ба қафаси сина, дасти рост, чап ва рони пои чапаш ҷароҳати вазнин мерасонад. Дар натиҷа, Сурайё Мирзоева дар шуъбаи эҳёгарии беморхона бистарӣ мешавад. Баъдан Маҳмадулло Баҳодуров ба шиками худаш якчанд маротиба бо корд зада, ҷароҳати вазнини ҷисмонӣ бардошта, дар беморхона ба ҳалокат мерасад. Амали ношоям ҷабр ба ҷони худ гардид.

### ДАРЁФТ ВА МУСОДИРАИ МАВОДИ ПИРОТЕХНИКӢ

Аз ҷониби кормандони милитсия дар ноҳияи Шоҳмансур, дар кӯчаи Айнӣ автомашинаи тамғаи «Опел-Астра» рақами давлатиаш 37-64 АС 01 РТ таҳти идораи ронанда Салимов Фахриддин, соли таваллудаш 1987, сокини ноҳияи Восеъ, боздошт гардид. Ҳангоми азназаргузаронии автомашина аз дохили он маводи тарфгарии навъи «хлопушка» дарёфт ва мусодира шуд. Санҷиш муайян кард, ки маводи дарёфтшуда ба мусофир Сайдамир Қабулов, сокини ноҳияи Данғара, тааллуқ дорад. Аз рӯйи ин ҳодиса парвандаи ҷиноӣ оғоз гардида, тафтиш идома дорад.

Мутаассифона, дар қочоқи ин намуди маводи хавфнок ноболиғон ҳам даст доранд. Зимни андешидани чораҳои фаврӣ -ҷустуҷӯӣ аз ҷониби кормандони милитсия дар ноҳияи Сино дар назди бинои №89/3, кӯчаи Н.Махсум ноболиғ Парвизи Хуршед, сокини ноқияи Рӯдакӣ, хонандаи синфи нуҳуми мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №82 бо 1800 дона маводи пиротехникӣ, дар назди бинои №89/3, кӯчаи Н.Махсуми ш.Душанбе ноболиғ Сиёвуш Саидов , хонандаи синфи нуҳуми мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №82 бо 3600 дона, Олимҷон Ахмедов, хонандаи синфи нуҳуми гимназияи №6-и шаҳри Хуҷанд, бо 4800 дона маводи пиротехникии «трения» дастгир гардиданд. Ин ҳодисаҳо аз ҷониби кормандони милитсия мавриди санҷиш қарор доранд.

***Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум»***

## ОҚИБАТИ ТАҲҚИРУ БЕРАҲМӢ

Ҳолатҳое ҷой доранд, ки баъзе ҷавонон сӯиқасд ба ҷони ҷавони худ карда, ба худкушӣ даст мезананд ва ин дунёи рангинро падруд мегӯянд. Ин муаммои сарбаста сабабҳои гуногун дорад, зеро касе бе ягон сабаб ҳеҷ гоҳ даст ба худкушӣ намезанад, чунки ҷон сахту ширин аст.

Чанде пеш як парвандаи ҷиноятӣ бо моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Прокуратураи ноҳияи Муъминобод нисбати ба худкушӣ расонидани Шарофат Ниёзова аз 10 майи соли 2012 аз тарафи шавҳараш Баҳриддин Гадоев истиқоматкунандаи деҳоти «Боғгаӣ», деҳаи Шаймирӣ ба суд барои баррасӣ ирсол гардид.

Тавре аз парвандаи ҷиноятӣ маълум шуд, ӯ нисбати занаш муомилаи бераҳмона намуда, мунтазам шаъну эътибори ӯро паст мезадааст. Зиёда аз ин, шавҳараш ба болои ӯ зан гирифтааст. Дар натиҷа, ду тифлаки марҳум аз оғӯши модар сер нашуда, сағир монданд. Қазияи номбурда аз тарафи раиси Суди ноҳияи Муъминобод А. Ашӯров нисбати айбдоршаванда Баҳриддин Гадоев баррасӣ гардид ва бо баҳодиҳии таҳқиқи далелҳои ҷойдошта исботи худро ёфт. Нисбати айбдоршаванда-Баҳриддин Гадоев дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 3 солу 6 моҳ ҷазо таъин карда шуд.

***Хосият САФАРОВА,***
***мудири маслиҳатхонаи ҳуқуқии ноҳияи Муъминобод,***
***Мушовири адвокатураи Ҷумҳурии Тоҷикистон***

## ЭЪЛОН

КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» барои қабул намудан ба вазифаи ёрдамчии Сардори роҳ, барои нафароне, ки синну солашон аз 45 боло набошад, маълумоти олии техникӣ ва таҷрибаи корӣ дошта бошанд, қонуну қоидаҳои соҳаи нақлиёти роҳи оҳан, забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва компютерро хуб донанд,

**ОЗМУН эълон менамояд.**

Моҳонаи хуби доимӣ (2500- 3000 сомонӣ), мукофоту ҷубронпулии мунтазам, хизмати тиббии бепул, манзили зисти идоравӣ ва дигар имтиёзоти соҳавӣ кафолат дода мешавад.

Хоҳишмандон метавонанд ба нишонии шаҳри Душанбе, кӯчаи М.Назаршоев 35, раёсати Роҳи оҳани Тоҷикистон, телефони 221-56-37 муроҷиат кунанд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

➢Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0078641 бо РМА 305014727-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҷ. Румӣ 3 июни соли 2010 ба Джураев Ҳасан додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ 3330030899-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҷ. Румӣ 16 апрели соли 2012 ба Назриев Ҷамшед Ашурович додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии ҶДММ «Таджбелтехсервис» бо РЯМ 0310006107-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 13 июни соли 2010 додааст, эътибор надорад.

➢Дафтарчаи имтиҳонии №21/10-и гумшуда, ки онро Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон соли 2010 ба Пардаев Улуғбек додааст, эътибор надорад.

➢Патент барои ҳуқуқи амалигардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии № 0232350-и бо РЯМ 1630014522-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шаҳринав 16 июли соли 2012 ба Турсунов Умарҷон додааст, эътибор надорад.

➢Шартномаи хариду фурӯши тахти феҳристи 9Ш-1296-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе бо суроғаи гузаргоҳи дуюми кӯчаи Ш.Руставели, хонаи 10 ва гузаргоҳи дуюми кӯчаи Ш.Руставели, хонаи 15-и ноҳияи Сино 5 ноябри соли 2002 ба Ҳаётов Саидбек Шоҳасанович додааст, эътибор надорад.

➢Дафтарчаи имтиҳонӣ ва билети донишҷӯйии №3562/10-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ соли 2010 ба Давлатов Зарифҷон Сайдҷонович додааст, эътибор надорад.

➢Дафтарчаи имтиҳонии №5309-и гумшуда, ки онро Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон соли 2009 ба Аюби Файзулло додааст, эътибор надорад.

➢Патент барои ҳуқуқи амалигардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии № 0057021-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 19 марти соли 2010 ба Розиқов Саидикром Ҷафарович додааст, эътибор надорад.

➢Патент барои ҳуқуқи амалигардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии № 0044171-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 13 феврали соли 2010 ба Розиқов Саиджалол Джафарович додааст, эътибор надорад.

➢Дафтарчаи имтиҳонии №Ш-08176-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон соли 2008 ба Ниҳмонов Дониш Идрисович додааст, эътибор надорад.

➢Дафтарчаи имтиҳонии №8/10-и гумшуда, ки онро Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон соли 2011 ба Фахриддини Бахтиёр додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатномаи хатми курси ронандагии № 172496-и гумшуда, ки онро Ташкилоти ҷумҳуриявии мададгори мудофиа дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 5 июни соли 2012 ба Насриддинова Шамсия додааст, эътибор надорад.

➢Дафтарчаи имтиҳонии №95/09-и гумшуда, ки онро Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон соли 2009 ба Раимкулов Муҳаммадкомил Ҳусейнҷонович додааст, эътибор надорад.

➢Дафтарчаи имтиҳонии № 08039-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон соли 2008 ба Ганҷинаи Неъматулло додааст, эътибор надорад.

➢Шартномаи хариду фурӯши павилиони фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ таҳти феҳристи 12Д-5-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳия Шоҳмансури шаҳри Душанбе 13 январи соли 1999 бо суроғаи кӯчаи Лоҳутӣ ба Шарипов Алиҷон Ғоибович додааст, эътибор надорад.

➢Сертификати ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замини № 0129379-и гумшуда, бо рақами қайди 955, ки онро Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 июли соли 2006 ба Авғонов Алишер додааст, эътибор надорад.




## ЭЪЛОН

Корхонаи воҳиди давлатии истифодабарии шоҳроҳҳои обгузари №5-уми ноҳияи Ҳисор марбут ба Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 июни соли 2012 барҳам хӯрда, бо Корхонаи давлатии фаръии обу коммуналии ноҳияи Ҳисор муттаҳид карда шуд.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

➢ҶДММ «Дармонгоҳи тиббию косметологии даво» бо РЯМ 0410013230, воқеъ дар кӯчаи Сомонӣ 84/1, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➢Шаҳрванд Саидов Ислом Файзиевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0188706 бо РЯМ 0930054969 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 14 сентябри соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Ҷобиров Раҷабалӣ Азизулоевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0151630 бо РЯМ 0330111275 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 21 январи соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Тошматов Чалӣ, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0116741 бо РЯМ 4030023012 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ёвон 13 июли соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Каримова Талбак, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0104907 бо РЯМ 4030021710 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ёвон 6 июли соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Сафаров Муродалӣ Давлатович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0243027 бо РЯМ 2630007261 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Темурмалик 30 октябри соли 2012 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Тиллоева Сайлӣ, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0119551 бо РЯМ 4030025799 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ёвон 20 августи соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Асоев Раҷаб Асрорович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0105721 бо РЯМ 0930036324 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 12 августи соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Сатторова Фирӯза Ходжимуродовна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0002526 бо РЯМ 1230000879 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 28 августи соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Хазинаи ҷумҳуриявии иттифоқи Муҳофизаи саломатии равонӣ бо РМА 020012351, ки онро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 21 июли соли 1998 додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Фозилов Ғаюрбек Сафарбекович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0008767 бо РЯМ 0930002425 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 18 сентябри соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢ҶДММ «Авамекс» бо РЯМ 0210000230, воқеъ дар кӯчаи Бухоро 19, ки онро Нозироти андози ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе соли 2009 додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➢ҶДММ «Чортут-2012», воқеъ дар Ҷамоати деҳоти Сарикиштии ноҳияи Рӯдакӣ, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➢Шаҳрванд Каримов Уматали, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0038175 бо РМА 405021808 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ёвон 12 майи соли 2003 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Аҳли қалами Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик ба Сармуҳаррири Сарредаксия Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ нисбати реҳлати ҷонгудози ҷигарбандаш

**СӮҲРОБ**

изҳори ҳамдардӣ намуда, ба эшон ва аҳли оилаашон аз даргоҳи Кирдигор сабри ҷамил хоҳонанд.

## Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ОИД БА ФУРӮШИ ИНШООТИ СОХТМОНАШОН НОТАМОМ ТЕНДЕР ЭЪЛОН МЕНАМОЯД**

**НОМГУЙИ**

**иншооти сохтмонашон нотамоме, ки аз тариқи тендер ба фурӯш бароварда мешаванд**

| т/р | Номгуй ва маҳалли ҷойгиршавии иншооти сохтмонаш нотамом | Арзиши сметавӣ | Тайёрии иншоот бо фоиз | Нишондиҳандаи иншоот бо воҳиди мувофиқ | Арзиши баҳододашудаи иншооти сохтмонаш нотамом (бо сомонӣ) | Нархи ибтидоии иншооти сохтмонаш нотамом (бо сомонӣ) | Муҳлати баанҷомрасонии сохтмон |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Коттеҷи КВД «Дафтари хизматрасонии биноҳои маъмурӣ»-и Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар шаҳри Исфара, кӯчаи Собитов 200 | 607 675 | 24,1 | 903,73 м² | 629 164 | 62917 | 18 моҳ |
| 2 | Заводи трансформатор дар майдони №2, воқеъ дар шаҳри Қӯрғонтеппа | 28 252 970 | 65 | - | 27 163 052 | 2 716 306 | 24 моҳ |

### Инҳо метавонанд иштирокчии тендер бошанд:

- шахсони ҳуқуқие, ки дар фонди оинномавиашон ҳиссаи давлат аз 25 фоиз зиёд нест;
- шахсони воқеӣ;
- шахсони ҳуқуқию воқеии хориҷӣ

### Ҳамчун иштирокчӣ барои ба қайд гирифтан ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод кардан зарур аст:

- дархост барои иштирок намудан дар тендер бе нишон додани номи иншооти сохтмонаш нотамом, ки уҳдадориҳои хаттии шахсони ҳуқуқӣ ва ё воқеиро барои бастани шартномаи хариду фурӯш бо шартҳое, ки дар эълони баргузории тендер муайян шудааст, дар бар мегирад;
- нусхаи асл ё нусхаи ҳуҷҷате, ки пардохти кафолатиро гувоҳӣ медиҳад;
- лифофаи сарбаста бо чор нусхаи барнома, ки дар он нархи хариди иншоот бо мавқеи ҷойгиршавии он пешниҳод мешавад.

Шахсони ҳуқуқӣ ба таври иловагӣ нусхаи шартномаи муассисӣ, оинннома ва шаҳодатномаи бақайдгирии шахси ҳуқуқиро, ки аз тариқи идораи нотариус тасдиқ шудааст, пешниҳод менамоянд.

### Шартҳои ҳатмии тендер инҳо мебошанд:

- уҳдадории иштирокчӣ барои мавриди истифода қарор додани иншооти сохтмонаш нотамом;
- анҷоми тадбирҳои зарурӣ барои таъмини бехатарии экологӣ ва ҳифзи муҳити зист;
- анҷоми тадбирҳо барои ободонии гирду атрофи иншоот;
- ҳуқуқи моликият ба харидор баъди ба истифода додани иншоот ба расмият даровarда мешавад;
- дар ҳолати ғолиб донистани иштирокчӣ, дар давоми 3 моҳ бо ризоят (мувофиқагардонии нақша ва сметаи хароҷот) бо мақомоти маҳали ҷойгиршавии иншоот, сохтмони иншоот оғоз мешавад.

Нархи ибтидоии ҳар як иншооти сохтмонаш нотамом ба андозаи 10 фоиз аз арзиши баҳододашудаи иншоот муайян карда шудааст.

Муҳлати додани дархост барои иштирок дар тендер аз вақти чоп гардидани эълони мазкур муайян карда шуда, як соат пеш аз баргузор гаштани тендер, яъне соати $9^{00}$, 29 январи соли 2013 ба охир мерасад.

Маблағи кафолатӣ баробар ба 100 -каратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба суратҳисоби зерини Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт мешавад:

- бо сомонӣ: Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, РМА 010010058, Суратҳисоб №20204972561010100004, АМБ 350101800, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Пардохти кафолатӣ ба нархи иншоот дохил мешавад.

Ғолиби тендер ба суратҳисоби Фурӯшанда боҷи комиссионӣ дар ҳаҷми 5 фоиз ва боҷи давлатӣ дар ҳаҷми 0,5 фоиз месупорад, ки онҳо ба нархи фурӯши иншоот дохил намешаванд.

**Маълумоти иловагиро дар Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишонии: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шотемур 27, утоқи 14 гирифтан мумкин аст, телефонҳо: 221-84-87, 221-81-82.**

## Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан

**ОБЪЯВЛЯЕТ ТЕНДЕР ПО ПРОДАЖЕ ОБЪЕКТОВ НЕЗАВЕРШЕННОГО СТРОИТЕЛЬСТВА**

**ПЕРЕЧЕНЬ**

**объектов незавершенного строительства, реализуемых на тендере**

| п/н | Наименование и местонахождение объекта незавершенного строительства | Сметная стоимость | Готовность объекта в % | Показатель объекта в соответствующих единицах | Оценочная стоимость объекта незавершенного строительства (в сомони) | Стартовая цена объекта незавершенного строительства (в сомони) | Предлагаемый срок строительства |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Коттедж ГУП «Конторы по обслуживанию административных зданий» Министерства сельского хозяйства Республики Таджикистан, находящийся в городе Исфара, улица Собитова 200 | 607 675 | 24,1 | 903,73 м² | 629 164 | 62917 | 18 месяцев |
| 2 | Трансформаторный завод на площадке №2, находящийся в городе Курган-тюбе | 28 252 970 | 65 | - | 27 163 052 | 2 716 306 | 24 месяцев |

### Участниками тендера могут быть:

- юридические лица, в уставном фонде которых доля государства не превышает 25 %;
- физические лица;
- иностранные юридические и физические лица

### Для регистрации в качестве участника тендера необходимо представить:

- заявки на участие в тендере без указания названия объекта незавершенного строительства, которые включают в себя письменное обязательство юридического или физического лица на заключения договора купли-продажи объекта на определенных условиях, опубликованных в информационном сообщении о проведении тендера;
- подлинник или копию платёжного документа подтверждающего внесение гарантийного взноса;
- запечатанный конверт с 4 копиями программ, где отражаются предложения и цена покупки объекта незавершенного строительства по его местонахождению.

Юридические лицо дополнительно представляет нотариально заверенные копии учредительного договора, устава и свидетельство о регистрации юридического лица.

### Обязательными условиями тендера являются:

- обязательство участника по вводу в эксплуатацию незавершенного строительством объекта;
- проведение необходимых мероприятий по экологической безопасности и защиты окружающей среды;
- меры по благоустройству прилегающей к объекту территории;
- право собственности переходит покупателю после ввода объекта в эксплуатацию;
- приступить к строительству незавершенного объекта в течение 3- х месяцев, по согласованию с местным хукуматами по месту расположения объекта (схема и смета затрат) в случае признания участника победителем тендера.

Стартовая цена каждого объекта незавершенного строительства установлена в размере равном 10% от оценочной стоимости объекта.

Прием заявок на участия в тендере производится со дня публикации данного информационного сообщения и заканчивается за час до проведения тендера, т.е. в $9^{00}$ часов 29 января 2013 года.

Гарантийный взнос в размере 100 - кратной показателя для расчётов вносится на нижеследующий счёт Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан:

- в сомони: Главное управление центрального казначейства Министерства финансов Республики Таджикистан, ИНН 010010058, Расчётный счёт №20204972561010100004, МФО 350101800, Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан. Гарантийный взнос засчитывается в стоимость цены продажи.

Победитель тендера вносит в счёт Продавца комиссионный сбор в размере 5 процентов и госпошлину в размере 0,5 процентов от цены продажи, который не входит в цену продажи объекта.

**Дополнительную информацию вы можете получить в Государственном комитете по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан по адресу: Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Шотемура 27, кабинет 14, телефон: 221-84-87, 221-81-82.**

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волояти қонун
Садои МАРДУМ

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Некқадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 24 декабри соли 2012, соати 16.40 иҷозат дода шуд. Адади нашр 23759 нусха

Навбатдори шумора Нуралиев М.

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова